**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС
ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 332.**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ОРИПОВА НАЗОКАТХОН МӮМИНОВНА**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

**АВТОРЕФЕРАТИ
ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ
НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ**

**08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Хуҷанд-2025**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**Муқарризони расмӣ:** **Мирсаидов Аброр Бобоевич,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муҳсинова Парвина Абдулқосимовна** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акад. Б. Ғафуров”

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи «20» декабри соли 2025, соати 13:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5, e-mail: http://ds.tsulbp.tj, телефони котиби илмӣ: (+992) 928582212.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http://ds.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____»_______________соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ташаккулёбии низоми иқтисодиёти бозорӣ таҳияи сиёсати иқтисодии минтақавӣ ва механизми амалигардонии он раванди хеле мураккаб мебошад, зеро аз фарқиятҳои объективии табиӣ-иқлимии минтақаҳо ва ҷойгиршавии ҷуғрофии онҳо, хусусиятҳои сохторҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ-иктисодӣ, ҳамчунин аз муносибатҳои муқаррааргардидаи минтақаҳо ва марказ дар бобати гузаронидани дигаргунсозиҳои иқтисодӣ, натиҷаҳои онҳо, ки ба тағйир ёфтани вазъият дар минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии онҳо таъсири назаррас мерасанд, вобастагӣ дорад.

Дар паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои ташаккули низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ диққати махсус дода мешавад. Аз ҷумла зикр гардидааст, ки “...дар ин самт дигаргунсозиҳои сохторӣ ва муайян кардани гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ амалӣ карда шуданд” [1, с.48]. Ба қатори онҳо тадбирҳо оид ба такмили низоми идоракунии давлатӣ ва таҳияи сиёсати иқтисодӣ-минтақавӣ ва механизми самарабахши амалигардонии он мансубанд.

Сиёсати давлатии рушди иқтисодии минтақа аз бисёр ҷиҳат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва амалигардонии барномаи рушди босуръати саноат дар давраи солҳои 2022-2026 муайян карда шудааст. Дар раванди фаъолияти механизми мазкур талаботи қонунҳои низоми бозории муносибатҳо инъикос меёбанд, бинобар ин баҳисобгирии онҳо дар фаъолияти амалӣ ба баланд бардоштани сатҳи самарабахшии идоракунии рушди минтақавӣ ва ҳудудӣ имконият медиҳад.

Ғайр аз ин, дар шароити гузаронидани таҷдид ва ғайримарказонии низомҳои идоракунӣ соҳаи татбиқи сиёсати иқтисодии минтақавӣ назаррас васеъ мешавад, ки он бо мураккабшавии раванди танзими рушди устувори минтақаҳо вобаста аст.

Дар иртибот бо ин нукта, масъалаҳои такмили механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати иқтисодии минтақавӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, ки онҳоро омилҳои табиӣ-иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин анъана ва тарзи зиндагии одамон ба миён овардаанд, низ ҳалли худро талаб мекунанд. Илова бар он дар миқёси шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо, аз ҷумла дар вилояти Суғд баҳри амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодии давлатӣ ҳамаҷониба кӯшиш карда мешавад. Вале ба сабаби мавҷудияти муаммоҳое, ки ҳаллу фасл нагардидаанд, натиҷаҳои матлуб на ҳамеша ба даст меоянд. Алалхусус пурра ба гирдгардиш ворид нашудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, истифодаи ғайрисамараноки захираҳои иқтисодӣ, ки дар рушди нобаробари шаҳру ноҳияҳо, мавҷудияти муаммоҳои бекорӣ, камбизоатӣ, сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ инъикос меёбанд, аз он ҷумлаанд.

Бартараф кардани муаммоҳои гуногун ва баланд бардоштани самараи истифодаи иқтидори табиӣ-иқтисодии Тоҷикистон тавассути такмили механизми коркард ва амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақа ва таҳияи барномаҳои рушди он имконпазир мегардад. Гуфтаҳои боло, ҳамчунин масъалаҳои такмили минбаъдаи механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати минтақавии иқтисодӣ дар қаринаи назарияи рушди устувор ва дар асоси онҳо таҳия намудани барномаҳои мақсадноки иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он мубрамияти мавзуъ ва аҳаммияти амалии кори диссертатсиониро муайян мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба таҳқиқи масъалаҳои таҳияи сиёсати иқтисодии минтақавӣ (СИМ) ва механизми амалигардонии он, рушди иқтисодии дарозмуддат дар иқтисодиёти мамлакатҳои тараққиёбанда асарҳои олимони ғарб М. Вебер [9], Р.М. Голдштейн [11], Г. Кунтс [21], А Смит [37], Г. Ҷ. Кейнс [20], Н.Стекилберг [40], Ҷ. Гэлбрейт [14] ва олимони Русия Л.И. Абалкин [3], Г.Б. Клейнер [22], Э.Б. Алаев [4], Е.Г.Коваленко [23], А.Г. Гранберг [13], В.Н. Лексин [25], М.Г.Лапуста [26], П.Е. Семенов [41], Э.О.Орлов [28], В. Радаев [32], А.В.Сидорович [42] ва дигарон бахшида шудаанд. Аз олимони ватанӣ ба масъалаи ташаккули механизми идоракунӣ дар асоси таҳияю амалигардонии СИМ муҳаққиқон А.А. Бойматов [7], М.М. Исмоилова [18], С.Д. Комилов [24], З.С. Султонов [39], Л.Х. Саидмуродзода [38], Р.К. Раҳимов [33], Ш.М. Раҳимов [34], А.М. Раҳимов [35], Т.Р. Ризоқулов [36], А.Б Мирсаидов [27], М.М. Шарифзода [46], М.Файзуллоев [44], Ҳ.Ҳ. Ҳошимзода [45] ва дигарон машғул шудаанд.

Масъалаҳои алоҳидаи танзими равандҳои бозорӣ бо истифодаи механизми таҳия ва амалигардонии СИМ дар асарҳои Д.Д. Бобоҷонов [5] – таҳияи сиёсати рушди устувори бахши аграрии иқтисодиёти минтақавӣ, С.А. Ғозибеков [10] – ташаккули стратегияи идоракунии равандҳои рушди устувор, М.М. Исмоилова [18] – таҳияи сиёсати даромад ва хароҷоти истеъмолии аҳолӣ, И.Р. Иброҳимзода [17] – коркарди асосҳои молиявӣ-қарзӣ ва инвеститсионии амалигардонии СИМ, Б.Д. Шарбатов [47] – таҳияи ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сиёсати рушди минтақавӣ, Х.И. Пӯлотова [31] – роҳҳои баланд бардоштани самаранокии механизми амалигардонии захираҳои иқтисодии минтақа дар сатҳи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бо эътирофи дастовардҳои илмии олимони мазкур таъкид кардан зарур аст, ки дар асарҳои онҳо ба раванди ташаккули механизми таҳия ва амалигардонии СИМ ва муайян кардани мақсадҳои он – ба вуҷуд овардани шароити баробарсозии сатҳи рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати ҳаёти аҳолии минтақаҳо диққати кофӣ дода нашудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои (лоиҳаҳои) мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар паёмҳояшон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар давраи то соли 2030 банди 1. Тоҷикистон дар соли 2030. Зербанди 1.2. Нақши рушд; зербанди 3.2. Рушди минтақа. Банди 5 зербанди 5.1. Бахши воқеӣ; зербанди 5.4. Фазои сармоягузорӣ иҷро гардидааст. Рисолаи диссертатсионӣ бо амалишавии ҳадафҳои стратегии давлатӣ ва Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025 робитаи зич дорад.

Диссертатсия ҳамчунин тибқи нақшаи гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ғанӣ гардонидани муқаррароти назариявии ташаккули механизми татбиқи сиёсати рушди иқтисодии давлатӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили он дар минтақаҳои мамлакат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Барои ноил гардидан ба мақсади гузошта иҷрои вазифаҳои зерин дар назар дошта шудааст:

- таҳқиқ намудани мушаххасоти моҳиятии мафҳуми "сиёсати иқтисодии минтақавӣ" ва шарҳу тавзеҳи муосири он;
- асоснок намудани равияҳои методӣ оид ба ташаккули сиёсати минтақавии рушди иқтисодӣ;
- омӯхтани таҷрибаи хориҷии таҳия ва амалигардонии сиёсати иқтисодии рушди давлатӣ дар минтақа;
- асоснок намудани вазъи раванди амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақа;
- гузаронидани таҳлил оид ба амалишавии ҳадафҳои стратегии давлатӣ дар иқтисодиёти минтақа;
- муайян намудани фишангҳои молиявӣ-андозии амалигардонии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
- исбот кардани роҳу усулҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва минтақавӣ оид ба механизми амалигардонии сиёсати рушди минтақаҳо ва самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии рушди минтақа дар давраи оянда.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодию иҷтимоие мебошад, ки бо раванди таҳия ва амалишавии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақаҳо алоқаманданд.

**Предмети таҳқиқот** чараёни амалишавии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар низоми иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Суғд ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки ташаккули механизми мақсаднок ва самаранок амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, такмили идоракунии равандҳои ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунанда, баробарсозии сатҳҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, таъмини рушди мутаносиб ва устувори ҳудудҳои маъмурӣ мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсиониро муқаррароти илмӣ, консепсияҳо оид ба иқтисодиёти минтақа, механизмҳои амалишавии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақаҳо, ки дар осори бунёдии олимони шинохтаи хориҷӣ ва ватанӣ дарҷ гардидаанд, инчунин Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ҳадафҳои стратегии давлатӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил мекунанд.

**Асосҳои методологияи таҳқиқот** ба принсипҳои мантиқи диалектикаи илмӣ, таҳлили сабабию натиҷавӣ ва сохторӣ такя менамоянд, ки барои кушода додани мундариҷаи низоми иқтисодҳои минтақавӣ, сиёсати иқтисодии минтақавӣ имконият фароҳам меоранд ва дар раванди амалигардонии он муносибати институтсионалӣ, таҳлили муқоисавӣ ва ҳадафманд, модели иқтисодӣ-риёзӣ ва сенарияи амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақа дар дурнамои стратегӣ истифода шудааст.

**Сарчашмаи маълумотии таҳқиқотро** паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, санадҳои ҳуқуқии меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, коркардҳои таҳлилӣ ба Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд дар солҳои 2016-2020 ва Барномаи рушди босуръати саноат дар солҳои 2021-2026, маводи маҷмуаҳои оморӣ ва ҳисоботи ҷорӣ оид ба вилояти Суғд ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ташкил кардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснокунии назариявӣ-методологии раванди ташаккули механизми амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар таъмини рушди устувори минтақавӣ ва самтҳои асосии такмили он дар дурнамои стратегӣ зоҳир мегардад.

Дар рафти таҳқиқот натиҷаҳои зерин, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, ба даст оварда шудаанд:

- консепсияҳои танзими равандҳои иқтисодии-иҷтимоӣ дар минтақа низомбандӣ карда, ба мундариҷаи мафҳуми “сиёсати иқтисодии минтақавӣ” шарҳи муаллифӣ ворид карда шудааст. Тибқи он сиёсати иқтисодии минтақавӣ маҷмуи тадбирҳои мақсаднок дар самти ба даст овардани вазъи беҳтарини низоми иқтисодии минтақа ва ташаккули захираҳои табиию иқтисодӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ барои рушди устувори он мебошад. Инчунин дар равандҳои татбиқи сиёсати давлатии иқтисодӣ дар рушди минтақаҳо зарурати таъмини “самаранокӣ”-и он мудаллал сохта шудааст, ки таносуби муайяни натиҷаҳои фаъолияти ҳамаи субъектҳои хоҷагии минтақавӣ ва хароҷоти онҳоро дар самти истифодаи захираҳо шарҳ медиҳад;

- сершумории равияҳои методии арзёбии амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақа асоснок ва нишондиҳандаҳои онҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Алалхусус ба нишондиҳандаҳои зерин диққати махсус дода шудааст: истифодаи самараноки захираҳои минтақа; рушди иҷтимоӣ; ҷаззобияти инвеститсионии минтақа ва рушди экологӣ ди. Пешбинӣ шудааст, ки меъёрҳои арзёбии самарабахшии сиёсати давлатии иқтисодӣ дар минтақа инҳо ба шумор меравaнд: якум, аз рӯи ҳуҷҷатҳо; сипас, то ва пас аз ҷорӣ намудани тадбирҳо; севум, амалишавии ҳадафҳои стратегӣ, чаҳорум, таъминнокӣ бо пояи техникӣ, молиявӣ ва иттилоотии амалигардонии стратегияи рушди минтақа;

- дар асоси таҳқиқи ҳамаҷонибаи таҷрибаи хориҷии татбиқи сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақаҳо муқаррароти зерин барои амалишавӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд асоснок карда шудааст: таъсиси қутб ва марказҳои рушд дар минтақа (Фаронса); таҳия ва рушди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ (Хитой); банақшагирии индикативии ҳудудӣ (Ҷопон); ташкили агентӣ оид ба рушди минтақавӣ (Англия); дастгирии давлатии суроғавӣ ва мушаххаси рушди минтақа (ИМА);

- гурӯҳбандии ноҳияҳое ба субут расидааст, ки тибқи сиёсати ба амал татбиқшавандаи рушди иқтисодии минтақавӣ аз давлат ёрӣ мегиранд. Дар заминаи натиҷаҳои ба даст омада зарурати муносибати тафриқавӣ ба ноҳияҳои кишоварзӣ (Спитамен, Ҷаббор Расулов, Ашт, Мастчоҳ ва ғайра), саноатӣ (Конибодом, Исфара, Мастчоҳ ва ғайра) дар расонидани ёрии давлатӣ дар раванди танзими фаъоляти соҳаҳо ва риштаҳои иқтисодиёти минтақа дар рафти амалигардонии барномаҳои давлатии мақсадноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳои маъмурии вилояти Суғд асоснок карда шудааст;

- афзалиятҳои асосӣ дар амалигардонии ҳадафҳои стратегии давлатӣ дар рушди иқтисодиёти вилояти Суғд муайян карда шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон ва Гулистон, Исфара ва Конибодом, Панҷакент ва Истаравшан, Хуҷанд ва Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт самтҳои зерин ворид мегарданд: истифодаи самараноки захираҳои табиӣ-иқтисодӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, муҳити мусоиди корӣ, ки рушди устувори минтақаро ангезиш медиҳад ва ба истеҳсолоти меҳнатталабу илмталаб такя мекунад;

- амсилаи таъсири амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ ба нишондиҳандаи интизорӣ-сатҳи некуаҳволии аҳолӣ (МММ ба ҳар сари аҳолӣ) дар вилояти Суғд коркард ва арзёбӣ гардидааст. Тибқи он аз рӯи сатҳи ҳассосияти таъсирот ба натиҷаи интизорӣ мавқеи аввалро тағйирёбии ҳиссаи аҳолии машғули кор, сипас теъдоди корхонаҳои саноатӣ ва сармоягузорӣ ба фонди асосӣ ишғол мекунад. Асоснок карда шудааст, ки дар амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақа фишангҳои молиявӣ, "бозтақсими" андоз барои тавсеаи соҳаи соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳо самти авлавиятнок мебошад;

- самтҳои асосии такмили механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати иқтисодӣ дар дурнамои стратегӣ асоснок карда шудаанд, нишондиҳандаҳои

дурнамои рушди иқтисодии вилояти Суғд барои давраи оянда ҳисоб карда шудаанд ва зимнан ба ҷалби захираҳои маҳаллӣ ва иқтидори кадрӣ, фаъолгардонии фаъолияти субъектҳои хоҷагии минтақавӣ дар соҳаи бизнеси хурд таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Таъсиси Маркази ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ мудаллал гардидааст, нақши он дар таъмини шароитҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии амалкарди механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати иқтисодии рушди устувори минтақа мусоидат мекунанд, муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳқиқ намудани консепсияҳои илмӣ оид ба амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар иқтисодиёти минтақа ва ворид намудани тасҳеҳ ба мафҳуми таҳқиқот.

2. Омӯзиш ва гурӯҳбандӣ намудани нишондиҳандаҳо, усулҳои арзёбии амалигардонии сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақа, муайян намудани меъёрҳои он.

3. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии татбиқи сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақаҳо ва асоснок намудани ҷанбаҳои қабули таҷриба барои иқтисодиёти вилояти Суғд.

4. Гурӯҳбандии ноҳияҳое, ки дастгирии давлатии назаррас доранд ва зарурати татбиқи муносибати тафриқавӣ ба танзими соҳаҳои иқтисодиёти минтақа ва ҳудудҳо бо назардошти махсусгардонии онҳо.

5. Муайян намудани афзалиятҳои рақобатии ҳудудҳои маъмурӣ дар амалигардонии ҳадафҳои стратегии давлат ва дар истифодаи самараноки захираҳо ва муҳити мусоиди корӣ дар минтақа.

6. Таҳия ва коркарди амсилаи таъсири ҳадафҳои амаликардашудаи сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақа, инчунин пешгӯикунии дурнамои рушди иқтисодии вилояти Суғд барои давраи оянда.

7. Самтҳои такмили механизми амалигардонии сиёсати иқтисодӣ дар асоси дурнамои стратегӣ коркард ва пешниҳод шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар инкишоф додани назарияи иқтисодиёти минтақа, консепсияҳои танзими давлатӣ, ғанӣ гардонидани методикаи арзёбии ҷанбаҳои татбиқи сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақа зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он баланд ба бардоштани самаранокии такрористеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти минтақа ва дар дурнамои стратегӣ равона шудааст.

**Аҳаммияти амалии кор.** Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муқаррароти илмии коркардшударо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои он дар минтақа, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ҳангоми таҳия ва татбиқи амалии барнома ва стратегия рушди иқтисодиёти минтақа, дар амал ҷорӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ истифода бурда метавонанд.

Муқаррароти асосии рисола ва натиҷаҳои он дар конференсияю семинарҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (солҳои 2017-2023) қироат гардидаанд. Муқаррароти алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсиониро Раёсати

рушди иқтисод ва савдои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва мавриди истифода қарор додааст.

Муқаррароти назариявию методӣ ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия мудаллалгардида дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба фанҳои “Иқтисодиёти минтақавӣ”, “Сиёсати минтақавӣ”, “Идоракунии мақомоти маҳаллии ҳокимият” ва ғайра мавриди истифода қарор мегиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки усулҳои муносиби таҳқиқот интихоб гардидаанд, иттилоот ва маълумот аз сарчашмаҳои муътамади расман нашр гардида таҳия карда шудаанд, миқдори кофии маводи таҳқиқот асоси коркарди муқаррароти илмӣ гардидааст. Навгониҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои диссертатсионӣ асоснок карда шудаанд. Таҳлили натиҷаҳои илмӣ бо асарҳои илмии дигар олимони ватанӣ мутобиқат дорад.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд: 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, зербанди 1. Инкишофи назарияи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ; методҳо ва фишангҳои тадқиқотҳои иқтисодии минтақавӣ; банди 13. Сиёсати иҷтимоӣ иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо; банди 15. Мақсад ва механизмҳои тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои боҳамтаъсиррасонии минтақаҳои мамлакат ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии худидоракунии маҳаллӣ.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ.** Диссертатсия кори мустақилонаи илмию тадқиқотии муаллиф мебошад. Дар он мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯхта шудани он асоснок карда шудааст, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ироа гардидаанд, асосҳои назариявӣ ва методии ташаккули механизми таҳия ва амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодии рушди устувори минтақа, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили он коркард шудаанд, модели амалӣ гардонидани стратегияи рушди устувор бо муайян кардани нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд то соли 2030 таҳия гардидааст. Муаллиф ба тавсеаи соҳаи татбиқи фишангҳои молиявию андозӣ дар раванди амалӣ гардонидани сиёсати рушди минтақавӣ саҳми муайян гузоштааст, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он инъикос меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар маводҳои конференсияҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 30-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Бустон, вил. Суғд, 2021); Конференсияи илмӣ-амалии вилоятӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами рақамикунонии бахши молия: дурнамо ва тамоюли рушди он” дар Донишкадаи

иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Хуҷанд, 2024) маърӯза шудааст.

**Интишороти натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар 5 мақолаи дар маҷаллаю нашрияҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия чопшуда инъикос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 3,0 ҷузъи чопиро ташкил мекунад.

**Сохтор ва мундариҷаи диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва нуҳ фасл, хулосаю пешниҳодҳо иборат мебошад. Кор дар 176 саҳифаи матни компютерӣ баён шудааст ва 20 ҷадвал, 10 расмро дарбар мегирад. Рӯйхати адабиёт фарогири 176 номгӯй аст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шудааст, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ баррасӣ шудааст, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, усулҳо ва фарзияи таҳқиқот, навгонии илмӣ ва соҳаҳои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум -** “Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккули сиёсати иқтисодии минтақавӣ” - ҷанбаҳои назариявии мафҳуми «сиёсати иқтисодии минтақавӣ», равияҳои методии арзёбии он, таҷрибаи хориҷии таҳия ва амалигардонии он баррасӣ гардидаанд.

Тағйироти бунёдӣ ба механизми сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар давраи дигаргуниҳои сифатии фаъолияти низоми иқтисодӣ дар умум хос аст. Ин бошад ба таври объективӣ боиси тағйир ёфтани функсияҳои унсурҳои алоҳидаи механизми ташаккули сиёсати иқтисодии минтақавӣ мегардад. Аз байни миқдори зиёди моделҳои миллии гузариш аз низоми нақшавӣ ба бозорӣ, ки дар тӯли даҳсолаи охир ташаккул ёфтаанд, аз нуқтаи назари ба сохтори онҳо дохил шудани механизмҳои танзими равандҳои минтақавӣ се муносибати алтернативиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Консепсияи дар давраи ибтидоии ислоҳоти пасокоммунистӣ хеле маъруф дар Аврупои Шарқӣ ва Тоҷикистон, ки ба принсипҳои либерализми классикӣ дар ташкили иқтисодиёт асос ёфтааст ва ташаккули босуръати бозори озодро пешниҳод мекунад. Механизми асосие, ки сохтори нави хоҷагидориро ташаккул медиҳад, бозори рақобати озод ҳам дар сохтори соҳавӣ ва ҳам дар сохтори ҳудудӣ мебошад. Дар ин консепсия сиёсати иқтисодии минтақавӣ чун ҷузъи таркибии сиёсати иқтисодӣ вуҷуд надорад, зеро равандҳои бозорӣ бо роҳи табиӣ бояд бозтақсими фазоии захираҳоро таъмин намоянд, тафриқаи сатҳҳои рушди минтақаҳоро ба эътидол оранд, ва, дар ниҳояти кор, схемаи самараноки тақсими ҳудудии меҳнатро ба вуҷуд оранд.

2. Консепсияи “бозори идорашаванда”. Дар ин консепсия дар давраи гузариши рушди иқтисодиёт истифода бурдани маҷмуи васеи методҳои гуногун, аз ҷумла иштироки фаъолонаи ҷумҳурӣ дар ташаккули тавозунҳои

иқтисодӣ пешбинӣ мешавад. Дар ин парадигма сиёсати минтақавӣ ҷои назаррасро ишғол мекунад. Ҷумҳурӣ барои ташаккул додани сохтори ҳудудии иқтисодиёти миллӣ бозтақсими фазоии захираҳоро амалӣ мегардонад ва ба ин мақсад олатҳои мухталифро истифода мебарад: фискалӣ, қарзӣ-пулӣ, танзими мустақим ё бевосита. Ҳамзамон истифода бурдани якчанд намудҳои танзимгарон самараи аз ҳама хуб медиҳад. Бе шакку шубҳа ин стратегияи аз ҳама мураккаб ва аз лиҳози назариявӣ "ғайришаффоф" мебошад. Машрутияти амалӣ афзалияти асосии он мебошад: амалан дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон рушди минтақавӣ маҳз ҳамин тавр танзим карда мешавад.

3. Консепсияи "иқтисодиёти дубахша". Дар ин маврид равандҳои хориҷ кардани унсурҳои куҳнашудаи низоми хоҷагидорӣ ва ташаккули навташкилаҳо ба таври стихиявӣ ба амал намеоянд, балки таҳти назорати оперативии мақомоти ҷумҳуриявӣ қарор доранд. Принсипи сегментатсияи иқтисодиёт, ки стратегияи "дубахша" ба он такя мекунад, сиёсати минтақавиро ба қатори олатҳои муҳимтарини трансформатсия пешниҳод кард. Новобаста аз варианти дилхоҳи тақсимот (маъмурӣ ё функсионалӣ) шарти ҳатмии гузаронидани ин стратегия сиёсати иқтисодии селективӣ дар ташкилаҳои ҳудудии мухталиф мебошад.

Дар Тоҷикистон афзалият ба муносибати якум дода шуд, ки аз лиҳози идеологӣ ба ягон сиёсати минтақавӣ мутобиқат надошт. Чунин ба шумор мерафт, ки субъектҳои ҷумҳурӣ - корхонаҳою корпоратсияҳое мебошанд, ки чун субъектҳои маъмулии бозори рақобатӣ амал менамоянд ва дар байни онҳо захираҳо тақсим мешаванд. Дар сурати интихоб кардани чунин муносибат, албатта ба дахолати ҷумҳурӣ дар шакли сиёсати махсуси ҷумҳуриявӣ ҳеҷ зарурате набуд.

Сиёсати минтақавӣ аз як тараф, ба мисли як стратегияи дохиликорпоративӣ, ки ба беҳтар намудани мавқеъҳои рақобатии ҳар як субъекти ҷумҳурӣ нигаронида шудааст, вонамуд мегардид. Аз ҷониби дигар, дар ин муносибат сиёсати минтақавӣ чун рақобати байни субъектҳои ҷумҳурӣ дар бозорҳои дохилии миллӣ ва байналхалқӣ намоён мегардид. Айни замон нақши маркази ҷумҳуриявӣ набояд танҳо бо фароҳам овардани шароитҳои институтсионалӣ барои таҳия ва амалигардонии сиёсати иқтисодии рушди минтақавӣ маҳдуд гардад, балки ба истифодаи самараноки минтақаҳо дар такмили идоракунии институтсионалӣ, пеш аз ҳама, бо трансфертҳои молиявӣ ба мақсади ба эътидол овардани зуҳуроти шадиди тафриқаи даромадҳо мусоидат кунад. Рушди минтақавӣ амалан аз лаҳзаи ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ёфтааст. Таҳияи асосҳои илмии сиёсати иқтисодӣ ва амалигардонии он дар ҳудудҳои маъмурии минтақа дар марҳилаи ниҳоии ташаккули низоми бозории муносибатҳо зарурати ҳалли масъалаҳои назариявию амалии рушди минтақаро машрут месозад. Дар иртибот бо ин нукта, аҳаммияти дурусту саҳеҳ муайян кардани мафҳуми "сиёсати иқтисодии минтақавӣ" назаррас меафзояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ байни олимон дар бораи таърифи мафҳуми "сиёсати иқтисодии минтақавӣ" иттифоқи ороъ ба назар намерасад.

**Ҷадвали 1. - Таърифи мафҳуми «сиёсати иқтисодии минтақавӣ» дар адабиёти муосири иқтисодӣ**

| Муаллифон | Таърифи мафҳуми «сиёсати иқтисодии минтақавӣ» |
|---|---|
| 1 | 2 |
| **Горшенина Е.В. [12, с. 25]** | Сиёсати иқтисодии минтақавӣ низоми тадбирҳоест, ки ба беҳтар намудани идоракунӣ, ҷустуҷӯи созиш байни манфиатҳои давлат ва минтақаҳо нигаронида шудааст. |
| **Алаев Э.Б. [4, с. 189-190]** | Сиёсати иқтисодии минтақавӣ соҳаи фаъолияти сохторҳо оид ба идоракунии равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ аз нуқтаи назари муносибати марказ ва минтақаҳо, ҳамчунин ноҳияҳо байни худ мебошад. |
| **Падалка О.В. [30, с. 65]** | Сиёсати иқтисодии минтақавӣ маҷмуи методҳо ва принсипҳо мебошад, ки бо ёрии онҳо ба равандҳои фаъолияти корхонаҳо бо мақсади муайян кардани самти рушди стратегӣ таъсир расонида мешавад. |
| **Абдувасиев Ф.С. [2, с. 24-36]** | Сиёсати иқтисодии давлатӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини дараҷаи зарурии иқтисодиёт буда, фаъолияти бисёрсолаи хоҷагии мамлакати тараққикардаро тасдиқ менамояд. |
| **Блиничкина Н.Ю. [6, с. 15]** | Сиёсати иқтисодии давлатӣ ҳамон вақт самаранок ҳисобида мешавад, ки бо назардошти парадигмаҳои фаъолияткунанда дар чаҳорчӯбаи назарияҳои иқтисодӣ фаъолият намояд. |
| **Зиёев П.С. [16, с. 522-528]** | Сиёсати иқтисодии давлатӣ маҷмуи самтҳои гуногун ва воситаҳое мебошад, ки дар маҷмуъ сиёсати давлатиро ташкил медиҳад. |
| **Ҷумаев А.К. [15, с. 12]** | Сиёсати иқтисодии минтақа аз руи табиаташ барои нигоҳдории субот, якпорчагӣ ва ваҳдати кишвар, заиф шудани шиддатҳои дохилии иҷтимоию иқтисодӣ равона шудааст. |
| **Бобоева Ф.Ш. [8, с. 99-103]** | Сиёсати иқтисодии минтақавӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлат мебошад, ки мутобиқи стратегияи қабулкардаи давлатӣ ба рушди кишвар дар умум равона аст. |

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар доираи адабиёти дастрасшуда.*

Дар асоси мулоҳизаҳои мазкур дар бораи сиёсати иқтисодии минтақавӣ ба хулосаи зерин омадан мумкин аст. “Сиёсати минтақавӣ маҷмуи тадбирҳои мақсаднок барои ноил гардидан ба вазъи оптималии низоми иқтисодии минтақа ва ҷойгиронии нерӯҳои истеҳсолкунанда тибқи захираҳои табиӣ-иқтисодӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ ба мақсади рушди устувори он мебошад”.

Таҳияи сиёсати иқтисодии минтақавӣ ба рушди стратегияи умумимиллӣ асос меёбад ва махсусияти объективии минтақа, ки ба инъикоси мутобиқи равандҳои дар иқтисодиёти миллӣ ба амалоянда мусоидат мекунад, ба назар гирифта мешавад.

Зарурати гузаронидани сиёсати минтақавӣ интихоби индикаторҳои арзёбии нобаробарии рушди минтақа ва, мутаносибан, меъёри интихоби сиёсати минтақавиро пешбинӣ мекунад. Дар сатҳи мамлакат намудҳои индикаторҳоеро, ки барои андозагирии дараҷаи баробарсозии рушди минтақа истифода мешаванд, ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: индикаторҳои физикӣ (ба шароити географӣ ё табиӣ алоқамананд); индикаторҳои нобаробарии иқтисодӣ; нишондиҳандаҳое, ки нобаробарии иҷтимоӣ, аниқтараш фарқи сифати ҳаёт ва сатҳи даромадро андоза мегиранд.

Ҳадафи арзёбӣ натиҷаи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти минтақа, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии қабули қарорҳои идоракунӣ ва самарабахшии харҷи воситаҳои давлатӣ буда метавонанд. Низоми нишондиҳандаҳои арзёбии самарабахшии механизми таҳия ва амалигардонии рушди иқтисодии минтақаро ба блокҳои зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: - нишондиҳандаҳои самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷудаи минтақа; - нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ; - нишондиҳандаҳои ҷаззобияти инвеститсионии минтақа; - мушаххасоти рушди экологӣ.

Ба меъёрҳои асосии арзёбии самарабахшии амалигардонии сиёсати минтақавӣ мансубанд:

1) динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар давраи амалигардонии сиёсати минтақавӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои татбиқи он;

2) тағйир додани сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа дар муқоиса бо ҳолати онҳо то ва пас аз ҷорӣ намудани тадбирҳо ва олатҳои сиёсати минтақавӣ;

3) дараҷаи ба даст овардани меъёрҳои асосии амалигардонии мақсадҳои стратегӣ ва оперативии рушди минтақавӣ дар давраи татбиқи сиёсати минтақавӣ, ки қиматҳои мақсадноки онҳо дар ҳуҷҷати муайяни стратегӣ (нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии стратегияи минтақавии рушд) пешбинӣ шудаанд;

4) дараҷаи иҷрои тадбирҳои дар нақша пешбинишуда ва мувофиқати он бо стратегияи рушди минтақавии амалкунанда;

5) таъмини дастгирии меъёрии ҳуқуқӣ, техникӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ-таҳлилии амалигардонии тадбирҳои рушди минтақавӣ дар найли мақсадҳои стратегӣ.

Умуман раванди таҳияи сиёсати иқтисодии минтақавӣ кори мураккаб аст. Дар рафти он ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ тавассути мудаллалсозӣ, зарурати истифодаи тарзу усулҳои методӣ, ки унсурҳои таркибиро дарбар мегирад, диққати махсус додан лозим аст.

Дар раванди гузариш ба низоми иқтисодии бозорӣ зарурати омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти ташаккул додан ва амалӣ гардонидани

сиёсати иқтисодии минтақавӣ ба миён меояд. Сабаб дар он аст, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ чун олати амалигардонии сиёсати рушди иқтисодӣ бояд масъалаҳои ҷудо кардани ҳудуд ба сифати минтақа, мудаллалсозии мақсадҳо ва принсипҳои сиёсати минтақавӣ, оптимизатсияи тақсимоти маъмурию ҳудудии мамлакат, интихоби шароити аз ҳама мувофиқи рушд ва ғайра ҳалли худро ёбанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар мамлакатҳои Аврупо тарзҳои гуногуни баҳисобгирии анъанаҳои арзёбии сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ истифода мешаванд. Барои баъзеи онҳо сабаби тақвияти диққат ба арзёбии сиёсати минтақавӣ зарурати ҳамаҷониба асоснок кардани қарорҳо оид ба бозтақсими захираҳои молиявӣ дар доираи амалигардонии сиёсати муттаҳидшавии мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, мавҷудияти талаботи қонунгузорӣ, ҳамчунин ташкили назорати арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ тибқи барномаҳои рушди минтақавӣ мебошанд. Дар Финляндия, Фаронса, Олмон, Италия ва Полша арзёбии сиёсати минтақавӣ ҳам дар сатҳи федералӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ сурат мегирад. Дар Фаронса самаранокии сиёсат бештар дар сатҳи миллӣ арзёбӣ мегардад, вале дар сатҳи минтақавӣ ҳокимиятдорон масъулияти арзёбии барномаи сиёсати муттаҳидшавиро ба зимма доранд.

Аз оғози қарни XXI дар як қатор мамлакатҳои ҷаҳон фаъолгардии раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати минтақавӣ ба мушоҳида расид. Масалан, дар Англия фаъолияти Агентии рушди минтақавӣ (АРМ) вусъат ёфт. Хусусияти хоси фаъолияти ин агентӣ гузаронидани диққати ҳукумат аз сиёсати минтақавӣ ба сиёсати шаҳрӣ буд.

Ғояи асосии ташаккули АРМ на дар таъсиси боз як ҳалқаи мобайнӣ дар низоми бюрократӣ, балки дар сатҳи минтақа муттаҳид сохтани захираҳои молиявии давлат, таҷрибаи нақшагирию идоракунии корпоративӣ, ки бахши хусусӣ дар соҳаи истифодаи васеи захираю ташаббусҳои маҳаллӣ андӯхтааст, зоҳир мегардад.

Дар аксарияти мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ сиёсати давлатии минтақавӣ ба озмоишгоҳи ба худ хосе табдил ёфтааст, ки дар он ҷустуҷӯи интенсивӣ ва санҷиши олатҳои нав, схемаҳои таъсиррасонӣ ба раванди рушди иқтисодии воҳидҳои ҳудудии алоҳида амалӣ мегардад. Ин ҳодиса якчанд сабаб дорад. Аввалан, тезутундшавии масъалаи афзоиши фарқҳои минтақавӣ аз рӯи як қатор индикаторҳои иқтисодии калидӣ. Ба сифати самти асосии ихтисори фарқҳои минтақавӣ инкишофи инфрасохтор ва, пеш аз ҳама, инфрасохтори нақлиётӣ, энергетикӣ, алоқа ва ғайра дар ноҳияҳои муаммодор, то ба стандартҳои умумимиллӣ "бардоштани" он баррасӣ шудааст. Инвеститсияҳои давлатӣ, ки ба инкишофи инфрасохтор равона карда мешаванд, барои рушди минбаъдаи иқтисодии ноҳияҳои камаҳолии деҳот, ноҳияҳои канорӣ, ноҳияҳои наздимарзӣ аҳаммияти калон доштанд.

Сониян, иқтидори истеҳсолии корхонаҳои давлатӣ ё корхонаҳои зери назорати давлат қарор дошта барои рафъи номутаносибии назарраси минтақавӣ ва баланд бардоштани иқтисодиёти минтақаҳои муаммодор истифода мешуданд. Ин кор дар шакли маблағгузориҳои минтақамеҳвар дар сохтмони

истеҳсолоти нав ва супоришҳои инвеститсионӣ барои корхонаҳои давлатии саноатии дар ин минтақаҳо ҷойгиршуда сурат мегирифт.

Севум, ҳангоми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди минтақавӣ амалияи истифодаи олатҳои назорат ба ҷойгиронии нерӯҳои истеҳсолӣ, ки бо ёрии онҳо ҳукуматҳои як қатор мамлакатҳо ба маҳдуд сохтани афзоиши минбаъдаи таҷаммуи истеҳсолот ва аҳолӣ дар ноҳияҳои “аз ҳад зиёд тафсон”, агломератсияҳои калон ва ба ноҳияҳои депрессивӣ равона сохтани инвеститсияҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, нисбатан васеъ паҳн гардид.

Чорум, амалан дар ҳамаи мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ дар раванди таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди минтақавӣ омилҳои ё ангезаҳои мухталифи минтақавӣ унсурҳои калидӣ гардиданд, ки ба сифати “донаи дом”-и ба худ хос ё воситае истифода мешуданд, ки ширкатҳои хусусиро ба ҷойгир намудани истеҳсолоти ҳозиразамон дар ноҳияҳои қафомондаю депрессивӣ ва аз ноҳияҳои “аз ҳад зиёд тафсон” ба ноҳияҳои дигар интиқол додани иқтидорҳои мавҷуда водор месозанд. Бинобар ин таҷрибаи таҳия ва амалӣ гардонидани сиёсати рушди минтақавии як қатор мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ, ки дар шароитҳои мамлакатҳои ИДМ татбиқпазир аст, ҷолиби диққат мебошад.

Зимнан ба инкишофи захираҳои рекреатсионӣ ва диверсификатсияи кишоварзӣ диққати махсус дода мешавад, ки он ба тавсеаи иштиғоли аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи даромаднокии корхонаҳои минтақа имконият медиҳад. Ба мақсади фаъолгардонии бизнеси хусусӣ дар ин мамлакатҳо методҳои анъанавии дастгирӣ, аз қабили қарзҳои дарозмуддат аз рӯи фоизи паст, тахфифҳои андозӣ аз маблағгузорӣ, супоришҳо ва қарордодҳои давлатӣ, нархҳои имтиёзнок ва ғайра истифода бурда шуданд. Дар сиёсати минтақавие, ки ба амал ҷорӣ мегардад, ба ташаккули муҳити мусоиди беруна барои тавсеаи соҳибкорӣ бо истифодаи ангезаҳои дарозмуддати ҷалби инвеститсияҳо дар асоси динамикаи табиии бозор диққати махсус дода шуд. Сохтмони роҳ, ки ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст, ҷузви муҳимми сиёсат оид ба баровардани минтақа аз вазъи таназзул гардид. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло дар такмили сиёсати минтақавӣ дар Тоҷикистон нақши назаррас бозӣ карда метавонанд: дар минтақаҳо таъсис додани қутб ва марказҳои рушд (Фаронса), сиёсати рушди босуръати минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (Хитой), банақшагирии ҳудудӣ, чи тавре ки дар Ҷопон мавҷуд аст, ташкили агентӣ оид ба рушди минтақавӣ бо ҷудо кардани палатаҳои минтақавӣ (Британияи Кабир), дақиқан ҷудо кардани вазифаҳои бозор ва давлат (ИМА) дар раванди амалигардонии рушди минтақавӣ.

Зимнан бояд принсипи ба ҳам созгор сохтани сармоягузории давлатӣ ба барномаҳои минтақавӣ бо назардошти механизмҳои бозори иҷтимоимеҳвар, усулҳои нарми барномасозию танзими давлатӣ оид ба дигаргун намудани сохтори иқтисодиёти миллӣ, модернизатсия ва азнавмусаллаҳшавии техникии корхонаҳои минтақавии амалкунанда, ба вуҷуд овардани истеҳсолоти баландтехнологияи нав, тавсеаи инфрасохтор, фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани сатҳи ҳаёти одамон мавриди истифода қарор гиранд.

**Дар боби дувум -** “Вазъи муосир ва таҳлили амалигардонии сиёсати иқтисодӣ дар вилояти Суғд” - таҳлили сохтории раванди сиёсати иқтисодии минтақавӣ, амалигардонии ҳадафҳои стратегияи давлатии иқтисодӣ дар вилоят, ҷанбаҳои молиявӣ ва таъсири он ба рушди минтақа сурат гирифт.

Сиёсати иқтисодии минтақа дар сохтори буҷаи минтақавӣ, дар барномаҳои мақсаднок, қонунгузории минтақавӣ ва ғайра таҷассум меёбад. Вилояти Суғд маркази савдои Шохроҳи абрешим ва дарвозаи транзитии ҷумҳурӣ гардидааст, иқтидорҳои мавҷуда бошанд ба инкишоф додани соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, аз ҷумла саноати истихроҷи кӯҳӣ, сабук ва хӯрокворӣ, кишоварзӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва сайёҳӣ имконият медиҳанд. Рушди рӯзафзуни соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имкон медиҳад барои ҳаёти сазовор ва бехатари одамон, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии минтақа шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Дар солҳои охир чун дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар в. Суғд низ ҳадафҳои созандагӣ ва ободкорӣ дар амал аст, ки дар нишондодҳои макроиқтисодӣ инъикос мегардад ( Ҷадвали 2)

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии вилояти Суғд**

(бо нархҳои ҷорӣ, млн. сомонӣ)

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Дар давоми солҳо | | | | | | | | 2023 бо % нисбати соли 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | воҳид | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ** | млн. сомонӣ | 14654 | 18343 | 20537 | 21622 | 27465 | 31939 | 35177 | 240,0 |
| | рушд % | 106,9 | 106,9 | 107,3 | 104,5 | 109,1 | 108,1 | 108,3 | |
| **Маҳсулоти саноатӣ** | млн. сомонӣ | 9100 | 12673 | 19053 | 15573 | 21064 | 24326 | 26188 | 287,7 |
| | рушд % | 135,3 | 105,9 | 111,2 | 116,1 | 129,9 | 114,3 | 107,8 | |
| **Маҳсулоти кишоварзӣ** | млн. сомонӣ | 11953 | 13220 | 14225 | 15419 | 14203 | 16068 | 18495 | 154,7 |
| | рушд % | 109,1 | 105,2 | 108,1 | 110,5 | 107,1 | 112,0 | 115,1 | |

***Сарчашма:*** *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [29, с. 17] таҳия шудааст.*

Дар минтақа ба болоравии устувории рушди минтақа нигоҳ накарда, дар давоми солҳои охир вазни қиёсии содирот дар гардиши савдои берунаи минтақа кам мешавад. Бинобар ин дар самти мазкур истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот ва истеҳсолоти содиротмеҳварро ба роҳ мондан лозим аст. Зеро маҳз ба туфайли амалӣ гардонидани чунин тадбирҳо ба коҳиши

тавозуни манфии савдои минтақа ноил гардидан ва бо ин роҳ таъмин кардани амнияти иқтисодӣ имконпазир мегардад.

Низоми минтақавии молиявӣ-андозӣ барои иҷрои вазифаҳои ба ҳам алоқаманд ташкил карда мешавад, ки байни онҳо вазифаҳои зерин асосӣ ба шумор меравand:

1. Ташкили ҳаракати маҷроҳои буҷетӣ-андозӣ тибқи тартиби муайян дар сатҳи ҳудуди алоҳида ё минтақаи давлат ва расмиёти мувофиқи танзими муносибатҳои иштирокдорони раванд, ки марбутан ба он пайдо мешаванд.

2. Таҷаммуъ ва истифодаи воситаҳо барои ҳалли масъалаҳои умумиминтақавии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа.

3. Ваколатҳои худро дар раванди идоракунӣ ё танзими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа иҷро кардани мақомоти ҳокимият.

4. Таъмини иҷрои барномаҳои иҷтимоии дохилиминтақавӣ, ки бо қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба неъматҳои муайяни ҳаётӣ тибқи манфиатҳои минтақавӣ алоқаманд мебошанд.

5. Ташаккул ва такмили инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа чун шарти муҳимтарини ибтидоии нигоҳдории алоқаҳои дохилиминтақавӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он.

6. Танзими равандҳои истифодаи захираҳои табиӣ-иқтисодӣ ва иқтидори меҳнатии марбут ба принсипҳои рушди устувор.

7. Ҳавасмандгардонии самтгириҳои муайяни арзишии минтақавӣ барои дар фаъолнокии кории аҳолӣ ба вуҷуд овардани шароитҳо ва гузаронидани дигаргунсозиҳои сохторӣ дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба мақсади баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсионии минтақа.

Дар шароити васеъ паҳн гаштани муносибатҳои бозорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар вилояти Суғд низ тибқи стратегияву барномаҳои давлатӣ, корҳои ободкориву созандагӣ идома дорад. Ҳадафҳои стратегие, ки дар ҷумҳурӣ амалӣ шуда истодаанд, дар навбати аввал бояд дар минтақаҳо дар амал татбиқ гарданд. Бо ин васила иқтисодиёти минтақаҳо саҳми худро дар амалишавии унсурҳои сиёсати иқтисодии давлатӣ мегузорад. Бинобар ин дар ин ҷо мо зарур мешуморем, ки татбиқи ҳадафҳои стратегиро дар чорчӯбаи ҳудуди маъмурии вилояти Суғд баррасӣ намоем. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст ҳоло, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳор ҳадафи стратегии зерин қабул ва амалӣ гардида истодааст:

1. Расидан ба истиқлолияти энергетикӣ (аз 18.11.2006);
2. Раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ (аз 18.11.2006);
3. Таъмини амнияти озуқаворӣ (аз 18.11.2006);
4. Саноатикунонии босуръати мамлакат (аз 26.12.2018).

Вилояти Суғд иқтидори бузурги истеҳсолӣ ва дар МММ-и ҷумҳурӣ ҳиссаи назаррас дошта бошад ҳам, аз ҷиҳати захираҳои энергетикӣ на он қадар бой мебошад. Аз ин рӯ дар амалӣ гардонидани истиқлолияти энергетикии ҷумҳурӣ минтақа ҳиссаи ҳалкунанда надорад. Дар минтақаи вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳудуди ҳамворӣ бештар ва кӯҳсор камтар аст. Кӯҳсор асосан дар қисми ҷанубии минтақа ҷойгир аст. Қисмати ҳамвории

вилоят ҳудуди муайяни водии Фарғона, як қисми биёбони Мирзочӯл ва водии Зарафшонро дар бар мегирад. Бинобар ин дар вилоят саноати коркард ва соҳаи кишоварзӣ тараққӣ ёфтааст.

Новобаста аз он дар вилоят барои таъмини истиқлолияти энергетикӣ корҳои назаррас иҷро шуда истодааст. Баъзе факту рақамҳо оид ба соҳаи энергетика дар ҷадвали поён инъикос гардидаанд.

**Ҷадвали 3. - Ҳиссаи бахши саноати истеҳсоли неруи барқ, газ ва об дар вилояти Суғд**

| Солҳо | Воҳид | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ корхонаҳои саноатӣ** | адад | 633 | 693 | 733 | 860 | 1105 |
| **Шумораи корхонаҳои неруи барқ, газ ва об** | адад | 4 | 43 | 44 | 44 | 45 |
| | суръати рушд % | 106,2 | 109,3 | 113,1 | 126 | 115 |
| **Ҳаҷми истеҳсолоти корхонаҳои неруи барқ, газ ва об** | млн. сомонӣ | 843,3 | 1125,3 | 1272,6 | 1534,4 | 1942,2 |
| | %-и рушд | 112,7 | 133,4 | 113,1 | 120,6 | 126,6 |
| **Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ** | млн. сомонӣ | 10099,3 | 15573,2 | 21064,8 | 24326,3 | 26188,1 |
| **Ҳиссаи теъдоди корхонаҳои неруи барқ, газ ва об дар теъдоди умумӣ** | % | 0,6 | 6,2 | 6,0 | 5,1 | 4,1 |
| **Ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ, газ ва об дар ҳаҷми умум** | % | 8,4 | 7,2 | 6,0 | 6,3 | 7,4 |

***Сарчашма:*** *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [29, с. 180] таҳия шудааст.*

Баҳри амалӣ намудани ҳадафи истиқлолияти энергетикӣ дар минтақаҳо, аз ҷумла дар вилояти Суғд низ корҳои муайян иҷро шуда истодааст. Теъдоди корхонаҳои неруи барқ, газ ва об аз соли 2020 назаррас афзоиш меёбад. Соли 2023 нисбат ба соли 2018 теъдоди онҳо 11,3 маротиба зиёд шудааст. Тамоюли мазкур дар афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсоли неруи барқ, газ ва об инъикос ёфтааст. Яъне ҳаҷми истеҳсолоти бахши мазкур соли 2023 нисбат ба соли 2018 2,3 маротиба зиёд гаштааст. Қайд кардан зарур аст, ки нерӯи барқро НБО “Дӯстии халқҳо” дар ш. Гулистон (126 МВт) ва 74 НБО-и хурд истеҳсол мекунад, ки иқтидори умумии онҳо 8924,1 кВт аст. НБО “Дӯстии халқҳо” дар сурати бо иқтидори пурра кор кардан ҳамагӣ 23,3% талаботи вилоятро бо неруи барқ таъмин мекунад. Тибқи шароитҳои иқлимӣ дар бисёр шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла, дар ноҳияи Зафаробод, Ашт, Кӯҳистони Мастчоҳ ва ғайра имконияти истифодаи васеи энергияи шамол мавҷуд аст. Инчунин қариб дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, алалхусус дар ноҳияҳои Деваштич, Ашт, шаҳрҳои Гулистон, Хуҷанд, дар заминҳое, ки ба мақсадҳои кишоварзӣ истифода бурдани онҳо ғайриимкон аст, генераторҳои неруи офтобӣ ҷиҳозонидан мумкин аст. Умуман, минтақаи вилояти Суғд дар таъмини ҳадафи стратегии истиқлолияти энергетикӣ имкониятҳои зиёд дорад ва метавонад дар ин самт дар оянда саҳми назаррас

гузорад. Истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди “энергияи сабз” ва рушди “иқтисоди сабз” маҳсуб меёбад.

Дар самти амалӣ намудани саноатикунонии босуръат дар вилояти Суғд корҳои назаррас иҷро шудааст. Умуман, то оғози ислоҳоти бозорӣ вақте ки ҷумҳурӣ дар ҳайъати Иттиҳоди Шуравӣ буд, саноати вилоят қисми зиёди (50% ва аз ин ҳам зиёд) маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро истеҳсол ва пешниҳод менамуд. Ба туфайли ҳадафи стратегӣ эълон шудани саноатикунонии босуръат ва Солҳои рушди саноат эълон гардидани солҳои 2022-2026 таваҷҷуҳ ба ин соҳа афзуд.

**Ҷадвали 4. - Нишондиҳандаҳои умумии иқтисодии саноати вилояти Суғд(аз рӯи нишондиҳандаҳои корхонаҳои калони саноатӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | воҳид | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи корхонаҳо** | адад | 597 | 633 | 657 | 693 | 733 | 860 | 1105 |
| | % рушд | - | 106,0 | 103,8 | 105,5 | 105,8 | 117,3 | 128,5 |
| **Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархи муқоисавӣ)** | млн.сомонӣ | 11983,6 | 12690,7 | 14112 | 16384,1 | 21282,9 | 24326,3 | 26188,1 |
| | % рушд | - | 105,9 | 111,2 | 116,1 | 129,9 | 114,3 | 107,7 |
| **Шумораи миёнаи кормандони саноатӣ** | ҳаз. нафар | 32,1 | 28,3 | 35,1 | 33,2 | 32,5 | 32,7 | 33,3 |
| | % рушд | - | 88,2 | 124,0 | 94,6 | 97,9 | 100,6 | 101,8 |
| **аз ҷумла коргарон** | нафар | 27228 | 23525 | 24771 | 25539 | 27776 | 27438 | 26974 |
| | % рушд | - | 86,4 | 105,3 | 103,1 | 108,8 | 98,8 | 98,3 |

***Сарчашма:*** *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [29, с. 180] таҳия шудааст.*

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд теъдоди корхонаҳои саноатии ҳаҷман калон дар иқтисодиёти вилояти Суғд тамоюлоти рушди доимӣ дошта, аз 597 адади соли 2017 дар соли 2023 ба 1105 адад расидааст, ки сатҳи рушд 185,1%, нисбат ба соли қаблӣ бошад 125,8%-ро ташкил медиҳад. Вале, мутаассифона, афзоиши теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар масъалаи ҷалби қувваи корӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ на он қадар назаррас мебошад. Агар соли 2017 шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ ҳамагӣ 32,1 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, соли 2023 ин нишондиҳанда ҳамагӣ ба 33,3 ҳазор нафар расидааст, яъне дар тули 7 сол ҳамагӣ 3,7% зиёд шудааст, ки назаррас нест. Ҳолати мазкурро бо ду далел маънидод намудан мумкин аст:

1. Корхонаҳои саноатии навташкил бо техникаву технологияҳои нави илмталабиаш баланд муҷаҳҳаз шуда истодаанд, ки зарурати ҷалби қувваи кориро надоранд.

2. Корхонаҳои саноатии навтаъсис ҳаҷман хеле хурд буда, танҳо теъдоди корхонаҳоро зиёд мекунанд. Ҷойҳои кории нав дар онҳо миқдоран хеле кам аст, ки тамоюлоти умумии вазъиятро тағйир намедиҳад, яъне ба он таъсири ночиз дорад.

Бахши кишоварзӣ яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти вилоят ба ҳисоб меравад ва дар иҷрои ҳадафи таъмини амнияти озуқаворӣ нақши ҳалкунанда дорад, зеро 75,2% аҳолии вилоят дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва асосан бо кишоварзӣ машғуланд (ниг. ба расми 1).

**Расми 1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи солҳои 2016-2023**




Аз рӯи додаҳои расм қайд кардан мумкин аст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 11,0 млн. сомонӣ то 15,6 млн. сомонӣ ё 41,8% зиёд шудааст. Аз ҷумла афзоиши маҳсулоти рустанипарварӣ 71,1%, чорводорӣ 28,9%-ро ташкил кардааст. Ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нигоҳ накарда, иқтидори мавҷудаи бахши аграрӣ пурра истифода намешавад. Як қатор мушкилот ҷой дорад, ки рушди бахши кишоварзиро маҳдуд мекунанд. Нарасидани таҷҳизоти ҳозиразамон ва кадрҳои баландихтисос, нархи баланди маҳсулоти фарматсевтӣ – нуриҳо ва маҳдудияти дастрасӣ ба ваксинаҳо, нокифоя будани ёрии давлатӣ ва хизматҳои кишоварзӣ, кӯҳна шудани инфрасохтори обёрӣ, нарасидани воситаҳои молиявӣ ва баланд будани мизони фоизи солона ба қарз (махсусан дар бахши соҳибкорӣ-истеҳсолӣ), номукаммалии механизми идоракунӣ ва маркетинг дар шароити бозор, набудани тухмиҳои баландсифат ва технологияи муосир ва техникаи кишоварзии дахлдор, ҳолати ҳузнангези низоми обёрии замин ва ғайра аз он ҷумлаанд.

Дар самти амалишавии ҳадафи стратегӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ низ дар в. Суғд корҳои зиёд ба субут расидааст. Алалхусус, ба вуҷуд овардани инфрасохтори зарурии наздимарзӣ (роҳи автомобилгарди Айнӣ-Панҷакент – марзи Ӯзбекистон, Деҳмой-Конибодом-Исфара – марзи Ӯзбекистон ва Қирғизистон, бозорҳои наздимарзӣ) ба рушди савдои беруна мусоидат мекунад ва дар доираи Барнома ба сохтмони онҳо авлавият дода мешавад. Бинобар ин сохтмон ва фаъолгардонии бозорҳои наздимарзӣ ва марказҳои логистию нақлиётӣ дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Зафаробод, Мастчоҳ, Спитамен

ва Ашт яке аз афзалиятҳои асосии савдои наздимарзӣ ба шумор меравад.

Ҳангоми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақавӣ дар доираи танзими буҷетӣ-андозӣ ду танзимкунандаи иқтисодӣ мавриди истифода қарор мегирад: хароҷоти давлатӣ ва андоз. Аз ҷумла, барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт имтиёзҳои андозӣ пешниҳод гардиданд. Танҳо дар соли 2022 ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ дар вилоят 3599,2 млн. сомониро ташкил кард.  (ҷадвали 5)

**Ҷадвали 5. - Имтиёзҳои андозии ба соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд дар солҳои 2015-2022 пешниҳодгардида**

| Номи нишондиҳандаҳо | воҳидҳо | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2022 бо % нисбати 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Имтиёзҳои умумии андоз** | млн. сомонӣ | 1751,0 | 2025,4 | 2177,8 | 2427,2 | 2680,3 | 3599,2 | 205,5 |
| **Соҳаи саноат** | млн. сомонӣ | 1200,1 | 1388,3 | 1492,8 | 1699,6 | 1973,0 | 2692,8 | 224,3 |
| **Саҳми саноат** | ҳисса % | 68,5 | 68,5 | 68,5 | 70,0 | 73,6 | 74,8 | 109,2 |
| **Соҳаи кишоварзӣ** | млн. сомонӣ | 151,3 | 175,0 | 188,1 | 185,1 | 211,5 | 279,5 | 184,7 |
| **Саҳми кишоварзӣ** | ҳисса % | 8,6 | 8,6 | 8,6 | 7,6 | 7,8 | 7,7 | 89,5 |
| **Соҳаи савдо** | млн. сомонӣ | 399,6 | 462,1 | 496,9 | 542,5 | 495,8 | 626,9 | 156,8 |
| **Саҳми савдо** | ҳисса % | 22,8 | 22,8 | 22,8 | 22,3 | 18,5 | 17,4 | 76,3 |

***Сарчашма:*** *Раёсати молияи вилояти Суғд. – 2022.*

Қисми зиёди имтиёзҳо (74,8%) ба саноат рост меояд, ки ба ноил гардидан ба мақсади стратегии давлат – саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Баъди ба даст омадани истиқлолият сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфт. Диққати асосӣ ба таҳкими истеҳсол ва содир кардани маҳсулоти тайёр тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои нав, истифодаи васеи манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои меҳнатӣ дода шуд.

Ба мақсади арзёбии сатҳи таъсири ислоҳоти иқтисодӣ, ба натиҷаи интизорӣ, яъне баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз усулҳои амсиларонӣ истифода менамоем. Дар илми иқтисодӣ бештар ба сифати нишондиҳандаи интизорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ММД ба ҳар сари аҳолӣ, дар сатҳи минтақа бошад МММ ба ҳар сари аҳолӣ истифода мешавад. Ҳамчун нишондиҳандаи омилӣ бошад, он индикаторҳое, ки  натиҷаи амалишавии сиёсати иқтисодии минтақавиро инъикос менамоянд, ба асос гирифтем. Ба онҳо ворид мебошад:

- шумораи аҳолии машғули кор дар қаламрави вилояти Суғд ($X_1$). Сабаби интихоб дар он аст, ки дар вилояти Суғд бахри иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола барнома, консепсияҳои давлатӣ, барномаҳои махсуси иқтисодӣ, қарору фармонҳои раиси вилоят дар самти баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, таъмин намудани аҳолӣ бо шуғли пурмаҳсул пешбинӣ мегарданд. Натиҷаи ин амалу ҳадафҳо бояд дар теъдоди аҳолии машғули кор инъикос гардад;

- тағйирот дар ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ($X_2$). Ҳадаф аз интихоб дар он аст, ки соҳаи саноат, яъне ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд натиҷаи амалишавии ҳадафи стратегии давлатӣ - саноатикунонии босуръат, солҳои рушди саноат эълон намудани солҳои 2022-2026, консепсияи давлатӣ оид ба гузариш аз иқтисодиёти аграрӣ-индустриалӣ ба иқтисодиёти индустралӣ-аграрӣ, инчунин барномаҳои махсусро оид ба воридотивазкунӣ, содиротмеҳвар намудани истеҳсоли молҳои саноатӣ ва ғайраҳо инъикос менамояд.

- тағйирёбии ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ($X_3$). Дар бештари минтақаҳо, алалхусус дар вилояти Суғд дар ташаккули МММ соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим дорад. Бинобар ин соҳаи кишоварзӣ ҳамчун бахши воқеии иқтисодиёт яке аз объектҳои асосии амалишавии ислоҳоти иқтисодӣ мебошад. Бо ибораи дигар гӯем, дар сиёсати иқтисодии давлат ба масъалаи рушди кишоварзӣ аҳаммияти махсус дода мешавад.

- сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ ($X_4$). Интихоби омили мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки бидуни сармоягузорӣ васеъ намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ғайриимкон аст. Аз ин рӯ даҳҳо ва садҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳия карда, тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар соҳаҳои гуногуни минтақаҳо амалӣ шуда истодааст. Натиҷаи интизории сармоягузориҳо низ дар ҳаҷми МММ инъикоси худро меёбад.

- гардиши моли чакана ($X_5$). Дар шароити иқтисодиёти бозор, инкишофи фурӯши молу маҳсулот падидаи муҳим мебошад, зеро талаботи истеъмолкунандагон гирдгардиши молу маҳсулотро дар бозор афзоиш дода, дар ҳаҷми МММ бевосита ифода меёбад.

Дар ҷадвали 6 иттилооти оморӣ оид ба нишондиҳандаҳои интизорӣ ва омилӣ гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. - Нишондиҳандаҳои интизорӣ ва омилӣ дар вилояти Суғд дар солҳои баррасишаванда**

| Солҳо | МММ ба ҳар аҳолӣ (сомонӣ) | Аҳолии машғул | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | Маҳсулоти умумии кишоварзӣ | Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ | Гардиши моли чакана |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | (У) | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ |
| **2012** | 3814,8 | 774,5 | 3253,1 | 5139,2 | 1372,1 | 3348,8 |
| **2013** | 4348,8 | 791,5 | 3594,6 | 5404,1 | 855,6 | 4493,4 |
| **2014** | 4695,7 | 804,8 | 4662,3 | 5710,2 | 621,8 | 5099,3 |
| **2015** | 4618,3 | 798,7 | 5487,5 | 5329,6 | 1247,3 | 5630,8 |
| **2016** | 5418,6 | 802 | 7655,1 | 5837,5 | 1360,5 | 6275,7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2017** | 6712,9 | 797,5 | 11983,6 | 12624,5 | 1457,6 | 11235,8 |
| **2018** | 6900,3 | 807,7 | 12690,7 | 13220,2 | 1118,6 | 12104,8 |
| **2019** | 7585,8 | 820,1 | 14112 | 14225,6 | 804,4 | 12462,6 |
| **2020** | 7769,2 | 845 | 16384,1 | 15419,7 | 1093,9 | 11890,3 |
| **2021** | 9726 | 882,8 | 21282,9 | 14203,9 | 1028,4 | 13636,7 |
| **2022** | 11125,1 | 885,1 | 24326,3 | 16068,8 | 1343 | 13894,7 |
| **2023** | 12058,2 | 902,7 | 26188,1 | 18495,5 | 1435,1 | 15617,2 |

***Сарчашма:*** *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои [29, с. 8-13] таҳия шудааст.*

Дар асоси натиҷаҳои ҳисобшудаи нишондиҳандаҳои омилӣ шакли амсилаи бисёромилаи коррелятсионӣ-регрессиониро бо таври зайл навиштан мумкин аст:

$$y = 3880,7 + 0,6565\, x_1 + 0,3870\, x_2 + 0,0441 x_3 + 0,2507\, x_4 + 0,0407\, x_5$$

Дар ин асос хулоса баровардан мумкин аст, ки дар шароити муосир ба нишондиҳандаи интизорӣ (ММM ба ҳар сари аҳолӣ) аз рӯи таъсиррасонӣ мавқеи аввалро шумораи аҳолии машғули кор дар қаламрави вилояти Суғд ишғол мекунад, зеро бузургии ин омил нисбати дигар нишондиҳандаҳои омилӣ хеле баланд аст ва он ба мантиқ рост меояд. Дар ҳақиқат дар ҳудуди вилояти Суғд шумораи захираҳои машғули кор чи қадаре ки зиёд бошад, ҳамон қадар некуаҳволии мардум баланд мешавад. Пас аз омили мазкур мавқеи дувумро сатҳи афзоиши маҳсулоти саноатӣ ишғол мекунад, яъне инкишофи теъдоди корхонаҳои саноатӣ, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ низ ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ муосидат менамояд. Дар мавқеи севум сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ қарор дорад, ки дар ҳақиқат дуруст аст.

Дар амсилаи ҳисобкардашуда коэффисиенти коррелятсия ба 0,9958 баробар аст. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар байни нишондиҳандаҳои интизорӣ ва маҷмуи нишондиҳандаҳои омилӣ робитаи зичи мусбат мавҷуд аст. Ҳисобу китоб нишон медиҳад, коэффисиенти детерминатсия ба 0,9917 баробар аст. Вобастагии тағйирёбии нишондиҳандаҳои интизорӣ, яъне тағйирёбии ММM ба ҳар сари аҳолӣ аз нишондиҳандаҳои омилӣ дар сатҳи баланд, яъне 99,17% қарор дорад.

Дар асоси тағйир додани нишондиҳандаҳои омилӣ тавассути усули экстраполятсионӣ ё ин ки дигар усулҳои оморӣ-математикӣ метавонем нишондиҳандаи интизории муодиларо барои давраҳои оянда пешгӯӣ намоем.

**Дар боби сеюм -** “Роҳҳои баланд бардоштани самарабахшии механизми амалигардонии сиёсати иқтисодии минтақавӣ” - самтҳои асосии такмили сиёсати рушди минтақавӣ дар дурнамои стратегӣ, ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ, модели амалигардонии стратегияи рушди устувори минтақавӣ то соли 2030 мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Коркарди асосҳои консептуалии сиёсати иқтисодии минтақавӣ аз ҷумлаи муаммоҳои мубрами илми иқтисодии муосир мебошад. Самарабахшии чунин коркард бо таҳияи авлавиятҳои рушди иқтисодии минтақаҳо алоқаманд аст. Тағйироти бунёдие, ки дар ҳаёти иқтисодии ҷамъият ба вуқӯъ мепайвандад, ба

ҳалли масъалаи ташаккули сиёсати рушди минтақавӣ ва ҳудудӣ муносибати навро тақозо менамояд.

Зарурати объективии такмили сиёсати минтақавии рушди иқтисод бо самтҳои зерин алоқаманд аст: аввалан, бо тақвияти номутаносибии ҳудудӣ, ки устувории фаъолияти низоми минтақавӣ, қобилияти таъмин кардани рушди босифати иқтисодии минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он, мутобиқу мувофиқ қонеъ гардонидани талаботи муҳити зистро таҳти хатар мегузорад; дувум, бо тақвияти қутбнокшавии фазои иқтисодӣ, минтақаҳои депрессивӣ пайдо мешаванд, ки бо таҷаммуи захираҳои молиявӣ дар шаҳрҳои калон ва ҷойивазкунии онҳо тавассути низоми бонкӣ аз минтақаҳои пешсаф ба минтақаҳои суст тараққикарда алоқаманд аст; севум, истифодаи амалияи бозтақсими захираҳои молиявӣ ба манфиати ҳамон як ҳудудҳо дар соҳаи танзими рушди минтақавӣ ба таъмини шаффофият ва қонунияту ҳаққонияти қарорҳои идоракунӣ мусоидат намекунад.

Рушди иқтисодии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба коркарди консепсияи сиёсати иқтисодии минтақавӣ такя кунад, ки баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа ва ба даст овардани рушди мутавозини ҳудудиро таъмин менамояд. Барои коркарди консепсия таҳлили вазъият, ошкор сохтани нуқтаҳои аз ҳама буҳронӣ ва минтақаҳои муаммодор, ташхиси сабабҳои суръати паст ё баланди рушди иқтисодии ҳам минтақа ва ҳам умуман давлат аҳаммияти принспиалӣ дорад. Зимнан таҳлили маҷмуии мутақобилан алоқаманди ҳамаи микронишондиҳандаҳои рушди иқтисодии минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он муҳим аст. Мавҷудияти муносибати консептуалӣ ба намояндагони бизнесу сармоягузорон имкон медиҳад оид ба рушди соҳа ва риштаҳои мухталифи фаъолият ва инфрасохтор дар ҳудуди муайян самтгирӣ карда тавонанд ва фаҳмиш дошта бошанд.

Сиёсати минтақавии рушди иқтисодӣ бояд ба такмил додани муносибатҳо байни марказ, минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии он самтгирӣ намуда, ба принсипҳои бартарӣ доштан ё ҳукмфармо будан асос ёбад, ки он баҳисобгирии маҳз омилҳои эндогении рушди ҳудудҳоро пешбинӣ мекунад. Авлавияти чунин сиёсат мусоидат ба азхудкунию истифодаи иқтидори табиӣ-иқтисодии худи минтақаҳо ва фаъолгардонии равандҳои худинкишофи онҳо, аз байн бурдани номутаносибиҳои назаррас ва такмили таъминоти институтсионалии он мебошад.

Асоси муайян кардани мақсадҳои сиёсати иқтисодии минтақавӣ ва механизмҳои амалигардонии онро бояд парадигмаи нави таҳия ва ҷорӣ намудани сиёсати минтақавии давлатӣ ташкил кунад, ки ҷузъҳои таркибии он иборатанд аз:

- гузариш аз сиёсати минтақавии “марказ” ба сиёсати баҳисобгирии манфиатҳои мухталифи субъектҳои хоҷагидорӣ, аҳолӣ, бизнес-сохторҳо, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва умуман минтақа, идрок кардани моҳияти табиати идоракунии минтақавӣ, баҳисобгирии принсипҳои ҳамоҳангсозии амудӣ ва уфуқии тадбирҳои идоракунӣ оид ба фаъолгардонии рушди минтақавӣ;

- гузариши тадриҷӣ аз сиёсати бозтақсими захираҳо, баробарсозии номутаносибии рушди минтақавӣ ба сиёсати фароҳам овардани имкониятҳои баробар ва заминаҳои мусоиди институтсионалӣ барои рушди маҷмуии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо;

- даст кашидан аз истифодаи бевоситаи олатҳои ҳавасмандгардонии рушди воҳидҳои ҳудудӣ, аз қабили субсидия, имтиёзҳои андозӣ ва ғайра ва гузаштан ба истифодаи олатҳои пайвандӣ ё гибридӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди минтақавӣ;

- такмил додани низоми банақшагирии стратегии рушди минтақа бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар асоси муносибатҳои бахшӣ, ҳудудӣ-фазоӣ ва идоракунӣ.

Бо назардошти гуфтаҳои боло равишҳои муосир ба ташаккул ва амалигардонии сиёсати иқтисодии минтақавӣ бояд ба ҷанбаҳои зерин мусоидат кунад: ошкор сохтани иқтидори рушди минтақа дар асоси ғайримарказонию амалигардонии иқтидори дохилии рушди иқтисодӣ (худинкишоф, инкишофи дохилмеҳвар, тавсеаи ваколатҳои мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, пешгирии афзоиши номутаносибии рушди минтақавӣ.)

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шартҳои муҳимтарини амалигардонии сиёсати самараноки минтақавӣ ва ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодии минтақа таҳия ва ҷорӣ намудани механизми ташкилӣ-иқтисодии ангезиш додани рушди иқтисодии минтақа мебошад. Бо истифода аз танзими маъмурӣ, қонунгузорӣ ва андозӣ метавонанд равандҳои иқтисодиро ба самти зарурӣ равона сохта, афзалиятҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро бо ҳалли масъалаҳои ҷории муҳимтарин дар маҳал ҳамоҳанг намоянд (расми 2).




***Расми 2. Механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳавасмандардонии рушди иқтисодии минтақа***

Ташаккули чунин механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ба ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодии минтақа, ҷустуҷӯи меҳварҳо барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ мусоидат мекунад. Ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар минтақаҳо ба таъмини захиравии устувор эҳтиёҷ дорад. Сухан ҳам дар бораи захираҳои моддӣ (табиӣ, инсонӣ), ҳам молиявӣ, зеҳнӣ ва ғайра меравад. Фаъолгардонии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа заминаи муҳимми татбиқи самараноки механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ба шумор меравад. Ба ин кор мусоидат мекунанд:

- Такмили пойгоҳи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, ки масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаро танзим мекунад;
- Ҷорӣ намудани консепсияи махсусгардонии амиқи ҳудуд, оптимизатсия ва диверсификатсияи истеҳсолот, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва инкишофи соҳибкорӣ, таъсиси сохторҳои нави соҳибкорӣ, ки ба истифодаи иқтидори дохилии ҳудуд ва таъмини талаботи бозори дохилӣ самтгирӣ мекунанд, мусоидат менамояд;
- Мусоидати мақомоти идоракунии минтақавӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба ташаккули муҳити мусоиди инвеститсионӣ бо мақсади ҷалби инвеститсияҳо ва истифодаи самарабахши онҳо;
- Ангезиш бахшидан ба рушди иқтисодиёти маҳаллӣ бо истифода аз барномаи кластеронии хоҷагии минтақавӣ, лоиҳаҳои миллӣ, ки дар минтақа амалӣ мегарданд, механизмҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ, ҳамчунин трансфертҳои байнибуҷетӣ, буҷети рушд ва буҷети иштирок дар таркиби буҷети маҳаллӣ ва ғайра.

Муайян кардани масъалаҳои асосии рушди иқтисодии минтақа ва ҳалли онҳо ба таҳияи схемаи оқилонаи коркард ва фаъолияти механизми ташкилӣ-иқтисодии амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақа ва фароҳам овардани шароит барои зиёд кардани қисми даромади буҷет, такмил додани олат ва меҳварҳои таъсиррасонӣ ба омилҳои истеҳсолот ва ҳавасманд кардани дастовардҳо дар таъмини рушди иқтисодии минтақа мусоидат карда метавонанд.

Таҳлили модели фаъолияти механизми ташкилӣ-иқтисодии амалигардонии сиёсати рушди минтақа нуктаҳои зеринро нишон медиҳад: он марҳила ба марҳила бо муайян кардани вазифаҳои стратегӣ оид ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, мудаллалсозии роҳу методҳои ҳавасмандгардонӣ, ҳамчунин ташкили назорат ва ангезиши мақомоти минтақавии идоракунӣ дар ноилшавӣ ба сатҳҳои муқарраргардидаи рушди иқтисодии минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он коркард шудааст.

Дар фаъолияти амалӣ низоми идоракунии минтақа низоми мураккаб мебошад ва марбутан ба ин вазифаи калидии он аз нуқтаи назари мутобиқати дохилӣ ва умуман мундариҷаи низом ҳамоҳангсозии вазифаҳо, муносибатҳо, ҳолатҳо ва ҳамкории мутақобилаи ҳамаи ҷузъҳои таркибии сохторӣ ба ҳисоб меравад, ки он самаранокии идоракуниро машрут месозад (расми 3).




**Расми 3. Модели идоракунии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа**

Унсури асосии сохтории модели пешниҳодгардида механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рушди минтақавӣ мебошад, ки равандҳои миқёсии таъсир ва асбобҳои барои ин кор истифодашавандаро кушода медиҳад. Асбобҳои мазкурро бояд мақомоти идоракунии минтақавӣ дар доираи сиёсати минтақавии татбиқшаванда ва ба назардошти махсусиятҳои рушди ҳудуди дахлдор ба амал ворид созанд.

Дар модел сохтори самараноки мақомоти назорати молиявию буҷетӣ бо асосноккунии нақш ва ҷойи ҳар субъект дар низоми назоратӣ пешниҳод карда шудааст. Он ба тақсими ваколатҳо ва беҳтар намудани ҳамкории мутақобилаи субъектҳои тафтиш дар доираи институти мақоми олии назорати молиявӣ асос меёбад, ҳамчунин шароитҳо барои баланд бардоштани нақши назорати дохилӣ пешбинӣ мегардад.

Минтақа чун ягонагии том ба ҳайси субъекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад ва таъсири мақомоти идоракунии ҷумҳуриявиро, ки бо минтақа дар як муҳити ягонаи қонунгузорӣ мавҷуд аст, эҳсос менамояд. Чун объекти идоракунии давлатӣ минтақа низоми мураккаби кушода мебошад ва дар диди нави консептуалӣ таваҷҷуҳ ба иҷрои вазифаҳои нақшагирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти хоҷагии субъектҳои минтақавӣ тамаркуз меёбад, ки моҳиятан аз асосноккунии илмии гузариш ба идоракунӣ аз рӯи натиҷаҳо иборат аст. Ин кор такмили методологияи идоракунии захираҳои минтақавиро талаб мекунад.

Моҳиятан сухан дар бораи таҳияи барномаи рушди мутавозини минтақаҳо бо таваҷҷуҳи махсус ба баробарсозии ҳудудии нишондиҳандаҳои пойгоҳии сатҳи ҳаёт ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ меравад. Он бояд ба натиҷаҳои таҳлили иқтидор ва талаботи минтақаҳо, имкониятҳои инвеститсионӣ ва дигар имкониятҳои онҳо, ҳамчунин афзалиятҳои қиёсии рақобатӣ такя кунанд. Бинобар ин дар дурнамои стратегӣ ба сатҳи нисбатан баланди сармояи инсонӣ ва дар минтақаҳои Тоҷикистон ба вуҷуд овардани шароити ҷаззоби пешбарии бизнес ва баланд бардоштани самаранокии низоми таъмини фаъолияти ҳаётии аҳолӣ ноил гардидан зарур аст. Яке аз роҳҳои ҳалли масъала баланд бардоштани дастрасии онҳо ба захираҳо ва баробарсозии сатҳи хизматҳои иҷтимоӣ дар буриши ҳудудӣ ба шумор меравад. Арзёбии мунтазами сифати сармояи инсонӣ ва ҳисобкарди ИРИ минтақаҳои мамлакат ба истифодаи методологияи ягона низ роҳи ҳалли масъалаи мазкур мебошанд.

Дар барномаи рушди минтақавӣ дар дурнамои стратегӣ дар асоси иқтидори мавҷуда, вазъи дар бозори меҳнат ба миён омада ва хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии минтақаи мушаххас афзалиятҳоро муайян кардан лозим аст. Давлат дар танзими равандҳои иқтисодӣ иқтидори молиявӣ ё мушаххасан маблағҳои буҷетиро истифода мебарад. Вале Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он алҳол чунин имконияро надорад. Бинобар ин, ҳамкории махсуси мутақобилаи давлатӣ оид ба ҷалби иқтидори пулии аҳолӣ мавриди истифода қарор мегирад. Аммо дар шароити муосир сатҳи пасти иштиғол ба омили боздорандаи рушди иқтисодиёт табдил меёбад.

Рушди устувори минтақа рушди аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок, иҷтимоимеҳвар ва аз лиҳози экологӣ муҷози низоми иқтисодии минтақаро пешбинӣ мекунад. Бинобар ин, дар стандартҳои муосири фаъолияти ҳаётии устувор бояд чунин суръати рушди иқтисодиёт пешбинӣ шаванд, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ дар замони ҳозира кофӣ бошад. Айни замон дар дурнамои стратегӣ имкониятҳои захиравии истеҳсолу истеъмоли неъматҳоро тибқи меъёрҳои оқилона ҳифз кардан зарур аст.

Мувофиқи ин муқаррараи назариявӣ аз қатори нишондиҳандаҳои сершумор ба сифати нишондиҳандаи асосӣ ММД ва даромади пулии аҳолӣ интихоб шудааст. Нишондиҳандаҳои ояндабинии ба даст омада дар ҷадвали зерин инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 7. - Нишондиҳандаҳои дурнамои ММД ва даромади пулии вилояти Суғд (ба ҳар сари аҳолӣ, бо сомонӣ)**

| Номгуи нишонди-ҳандаҳо | Дар давоми солҳо | | | | | | | | | | 2030\ 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | |
| **ММД** | 7769 | 9726 | 9588 | 10218 | 10848 | 11478 | 12108 | 12738 | 13367 | 13997 | 14627 | 188,3 |
| **Даромади пулӣ** | 8052 | 10250 | 9189 | 9778 | 10366 | 10955 | 11543 | 12132 | 12720 | 13309 | 13897 | 172,6 |

***Эзоҳ**: додаҳои солҳои 2020-2022 – воқеӣ; 2023 – мунтазира; 2024-2030 дурнамо.*

Соли 2030 ММД ба ҳар сари аҳолии вилояти Суғд ба 14,6 ҳазор сомонӣ мерасад ва дар қиёс бо соли 2020 1,9 баробар меафзояд; даромади пулӣ бошад 13,9 ҳазор сомониро ташкил карда, 1,7 баробар зиёд мешавад.

Татбиқи стратегияи миллии суръатафзоии истеҳсолоти саноатӣ ва, махсусан, маҳсулоти воридотивазкунанда барои ҳатталимкон пурра кардани бозори дохилӣ бо молҳои баландсифат, ки талаботи пардохтпазири аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагиҳои минтақавиро қонеъ мегардонанд, шароит фароҳам меорад.

Ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои ояндабинӣ дар дурнамои стратегӣ зарурати амиқрафти минбаъдаиислоҳотро бо тақвияи самтияти гузаронидани он дар қаринаи рушди минтақавӣ машрут месозад, ки он ба коҳиши тафриқаҳои ҳудудӣ ва ба таъмин кардани дастрасии баробари тамоми аҳолӣ ба хизматҳои муҳимтарини пойгоҳӣ дар саросари мамлакат (таҳсилоти ибтидоӣ, хизматрасонии аввалияи тиббӣ, таъмин кардан бо тамоми намудҳои захираҳои энергетикӣ ва оби нӯшокии тоза, низомҳои канализатсионӣ ва ғайра) мусоидат мекунад.

## ХУЛОСАҲО

### А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқи маҷмуии раванди ташаккули механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии такмили он дар дурнамои стратегӣ ба ироа кардани хулосаҳои асосии зерин имконият дод:

1. Дар марҳилаи муосири рушди низоми иқтисодиёти бозорӣ аҳаммияти ташаккули механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақаҳо назаррас меафзояд, ки он зарурати тасҳеҳи мундариҷаи мафҳуми “сиёсати иқтисодии минтақавӣ”-ро ба миён меорад. Таърифҳои дар адабиёти иқтисодӣ мавҷударо ҷамъбаст намуда, дар асоси онҳо шарҳи зерини муаллифии “сиёсати иқтисодии минтақавӣ” пешниҳод шудааст: маҷмуи тадбирҳои мақсаднок ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, ки дар самти ба даст овардани вазъи беҳтарини низоми иқтисодии минтақа ва ташаккули шароитҳои объективӣ барои рушди динамикии минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он нигаронида шудаанд. [2-М].

2. Сиёсати иқтисодии рушди минтақавӣ чун олати муассири ҷойгиронии оптималии нерӯҳои истеҳсолӣ, ки иқтидори табиӣ-захиравии ҳудуд, сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳо ва дар оянда баробарсозии онҳо, ҳамчунин ба вуҷуд овардани шароит барои баланд бардоштани сифати ҳаёти аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои аз лиҳози иқтисодӣ суст тараққикардаро ба назар мегиранд баромад мекунад. [2-М].

3. Трансфертҳо чун олати муҳимми молиявӣ дар механизми амалигардонии сиёсати иқтисодӣ ҷои махсусро ишғол мекунанд ва аз истифодаи онҳо аз бисёр ҷиҳат самаранокии ҳалли масъалаҳои аз ҳама тезутунди тафриқаи дохилиминтақавии даромадҳо вобаста аст. Бинобар ин, имкониятҳои трансфертҳоро барои инкишофи он соҳаҳои хоҷагии минтақавӣ, ки дар истифодаи захираҳои маҳаллӣ, махсусан иқтидори меҳнатӣ афзалиятҳои мушаххас доранд, васеъ кардан лозим аст. [5-М].

4. Ташаккулёбии механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати минтақавии рушди иқтисодӣ гузаронидани таҳлили маҷмуии ретроспективии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳоро тақозо мекунад, ки дар асоси он хусусият ва тамоюлҳои асосии рушди иқтисодӣ ошкор карда мешавад. Ғайр аз ин объектҳоеро, ки ёрии давлатӣ мегиранд, гурӯҳбандӣ кардан ва масъалаҳои асосиеро, ки дар раванди истифодаи самараноки онҳо ба миён меоянд, мудаллал сохтан лозим аст. Ба сифати объект метавонад минтақа (вилоят) ва ҳудудҳои маъмурии он – шаҳр, ноҳия ё ҷамоат баромад кунад. Бинобар ин, ҳангоми амалигардонии сиёсати рушди иқтисодии минтақа муносибати тафриқавӣ мавриди истифода қарор мегирад, ки моҳияти он дуруст арзёбӣ кардани тадбирҳои амалишаванда мебошад, ки дар барномаҳои давлатии мақсадноки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳои маъмурӣ пешбинӣ шудаанд. [4-М].

5. Таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди устувори иқтисодии минтақа муносибати консептуалиро тақозо мекунад. Моҳияти он ташкил кардани “иқтисодиёти минтақавии дубахша” бо ҷудокунии соҳаҳо ва риштаҳои суст тараққикарда аст, ки ба ёрии давлат эҳтиёҷ доранд ва минтақаҳои махсусе, ки ба корхонаҳои дар ҳудуди онҳо ҷойгиршуда имтиёзҳои молиявӣ ва андозӣ, ҳамчунин барои ташкил ва амалигардонии амалиёти содиротӣ-воридотӣ имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод карда мешаванд. [5-М].

6. Фаъолияти самараноки механизми амалигардонии сиёсати иқтисодии рушди устувори минтақавӣ аз дуруст муайян кардани афзалиятҳои асосӣ дар самти пешниҳоди дастгирии давлатии аввалиндараҷа вобаста аст. Ба он соҳаю риштаҳои иқтисодиёти ҳудудҳои маъмурии вилояти Суғд диққати махсус дода мешавад, ки дар онҳо муҳити мусоиди корӣ ба вуҷуд оварда шудааст ва онҳо ба рушди устувори минтақа ангезиш бахшида, ба истеҳсолоти меҳнатталабу илмталаб ва иқтидори табиӣ-захиравии минтақавӣ такя мекунанд. [3-М].

7. Ташаккули сиёсати иқтисодии рушди устувори минтақавӣ ироаи мақсад ва муайян кардани вазифаҳоеро талаб мекунад, ки дар раванди амалигардонии он ҳал карда мешаванд. Дар ин ҷо, дар баробари манфиатҳои умумидавлатӣ манфиатҳои минтақавиро ба назар гирифтан лозим аст, ки ба пурра сафарбар кардан ва самаранок истифода бурдани захираҳои молиявии марказонида ва маҳаллӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он заруранд, имкон медиҳад. Ба тақвияи ёрии суроғадори давлатӣ ба ноҳияҳои кӯҳистон диққати махсус дода мешавад. [1-М].

8. Барои такмил додани механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати иқтисодии рушди минтақавӣ самтҳои асосиро муайян кардан ва мушаххасоти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғдро дар давраи то соли 2030 ҳисоб намудан ва зимнан ба ҷалби захираҳои маҳаллӣ ва иқтидори кадрӣ, фаъолгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи бизнеси хурд, таъсиси қутб ва марказҳои рушд, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, ҳамчунин танзими ҳудудии равандҳои рушди иқтисодӣ диққати махсус додан зарур аст. [3-М].

## Б. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи тадқиқот

1.Ҳангоми таҳия ва амалигардонии сиёсати рушди устувори иқтисодии минтақавӣ муносибати консептуалӣ мавриди истифода қарор гирад. Ба ин мақсад, дар иқтисодиёти минтақавӣ “хоҷагии дубахша” бо ҷудо кардани соҳаю риштаҳои суст тарққикарда (бахши 1), ки ба ёрии давлатӣ эҳтиёҷ доранд ва минтақаҳои махсус (бахши 2), ки ба корхонаҳои дар онҳо ҷойгиршуда имтиёзҳои молиявӣ ва андозӣ, ҳамчунин имтиёзҳои гумрукӣ барои ташкил кардану ҷорӣ намудани амалиёти содиротӣ-воридотӣ пешниҳод карда мешаванд, ташкил карда шавад.

2. Ҳангоми амалӣ гардонидани сиёсати рушди иқтисодии минтақа ба ҳисобгирии манфиатҳои умумидавлатӣ ва минтақавӣ диққати махсус додан лозим аст, зеро танҳо дуруст ҳамоҳанг сохтани онҳо сафарбаркунии захираҳои

маҳаллӣ, истифодаи самаранок ва суроғадори воситаҳои буҷетиро таъмин карда метавонад.

3. Ба тафриқабандии минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушди иқтисодии онҳо гурӯҳбандии минтақаҳоро аз рӯи сатҳи истифодаи самаранок захираҳои табиӣ-иқтисодӣ илова карда, ба истифодаи самараноки ҳар омили рушди иқтисодии истеҳсолот, ҳамчунин рушди соҳибкорӣ, ки сатҳи истифодаи иқтидори содиротии минтақаҳоро муайян мекунад, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти минтақаҳо ва ба вуҷуд овардани шабакаи корхонаҳои муштарак диққати махсус додан лозим аст.

4. Ташкил кардани маркази ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, аз ҷумла ҷамоатҳо чун мақомоти худидоракунанда ва мудаллал сохтани нақши он дар фароҳам овардани шароите, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати иқтисодии рушди устувори минтақа ва ҳудудҳои маъмурии он мусоидат мекунад, мубрамияти махсус дорад.

5. Истифодаи афзалиятноки имкониятҳои трансфертҳо дар он соҳа ва риштаҳои иқтисодиёти минтақавӣ пешниҳод мешавад, ки дар онҳо бартариятҳое мавҷуданд, ки аз ҷойгиршавии ҳар як минтақаи мушаххас, наздикӣ ба манбаъҳои ашёи хом ва энергия, аҳолии қобили меҳнат ва фаъолияти пӯёи соҳибкорӣ бармеоянд.

6. Диверсификатсияи идоракунии минтақавии истеҳсолотро бо назардошти азхудкунии иқтидори табиӣ-захиравии ҳар як аз минтақа дар раванди таҳия ва амалӣ гардонидани барномаҳои мақсадноки минтақавӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ гузаронидан лозим аст, ки ба ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва афзоиши маҷрои сармояҳои бевоситаи хориҷӣ ба иқтисодиёти минтақаҳо мусоидат кунад.

7. Ба марҳилаи муосири рушди бозории минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии онҳо тамоюлҳое хосанд, ки дар дурнамо боқӣ монда метавонанд. Байни онҳо тамоюли бартараф кардани парокандагии ҳудудии минтақаҳоро дар самти ташаккули фазои ягонаи иқтисодии мамалакат дар асоси фаъолияти самараноки иқтисодиётҳои минтақавӣ ва амиқрафти ҳамкории байниминтақавиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ махсус қайд кардан лозим аст.

8. Ҳалли масъалаи рушди босуръати саноати минтақавӣ ба афзоиши МММ ва даромади пулии аҳолӣ, ҳамчунин зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва хизматрасонии соҳаҳои инфрасохторӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ шароит фароҳам меорад, ки ба кам кардани фарқ дар сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо имконият медиҳад.

9. Таносуби беҳтарини ваколатҳои байни мақомоти ҳокимияти сатҳҳои гуногун ва масъулияти онҳоро ба амалигардонии сиёсати рушди минтақа муайян кардан, имиҷи мусбати минтақа ва корхонаҳо, махсусан ширкатҳои амалкунанда дар МОИ “Суғд”-ро, ки молҳои брендӣ истеҳсол мекунанд ва онҳоро дар бозорҳои хориҷӣ пеш мебаранд, ба вуҷуд овардан, имкониятҳои истеҳсолӣ ва содиротии онҳо, ҳамчунин захираҳои молиявии минтақаҳоро дар идоракунии фаъолияти ҳифзи табиат тақвият додан лозим аст.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Орипова Н.М. Формирование структурной политики регионального экономического развития. //Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино 2019. - №10. – С. 110-115.

[2-М] Орипова Н.М. Асосҳои назариявии рушди сиёсати иқтисодии минтақа. //Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. 2020, №1 (52). – С. 131-135.

[3-М] Орипова Н.М. Тағйироти сохторӣ дар амалигардонии сиёсати рушди минтақавӣ.//Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ, 2020, №1 (82). – С. 118-124.

[4-М] Орипова Н.М. Меъёрҳои арзёбии самарабахшии шаклҳои амалӣ гардонидани сиёсати иқтисодии минтақа.//Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ, 2023, №3 (96) – С. 99-106.

[5-М] Орипова Н.М. Олатҳои молиявӣ-андозӣ дар низоми тадбирҳо оид ба амалигардонии сиёсати иқтисодии рушди минтақавӣ.//Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. 2024, №1 (78)- С.80

### II) Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[6-М] Орипова Н.М. Роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва баландбардории сатҳи некуаҳолии халқ / Н. Орипова. // Конференсияи илмӣ-амалӣ вилоятӣ Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2024. – С. 157-165.

[7-М] Орипова Н.М. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми таҳияи сиёсати минтақавии рушди иқтисоди минтақа /Н. Орипова // Нақши илм дар ташаккули давлатдории миллӣ: Маводҳои конфронси илмию назариявии ДДҲБСТ. (Хуҷанд, 22-23 майи соли 2015). - Хуҷанд: Дабир, 2016. – С.244–250.

[8-М] Орипова Н.М. Тарзи танзими раванди амалигардонии сиёсати иқтисодии минтақавӣ. //Н.Орипова //Материалы научно-практической конференции магистрантов, соискателей и молодых ученых ИЭТ ТГУК, Худжанд, 2020- С.61-63.

[9-М] Орипова Н.М. Модели такмили механизми амалигардонии сиёсати рушди минтақавӣ дар дурнамои стратегӣ.//Соҳаи кӯҳкорӣ ва металлургия яке аз заминаҳои асосии саноатикунонии бо суръати кишвар: Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 30-умин солгарди

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бустон в.Суғд, 2021. - С.145-148.

**МИНИСТЕРСТВО НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ПРАВА, БИЗНЕСА И ПОЛИТИКИ**

*На правах рукописи*

**УДК: 332.**

**ОРИПОВА НАЗОКАТХОН МУМИНОВНА**

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ФОРМИРОВАНИЯ И РЕАЛИЗАЦИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ

**АВТОРЕФЕРАТ**

**диссертации на соискание учёной степени кандидата**

**экономических наук по специальности**

**08.00.03 – Региональная и территориальная экономика**

**Худжанд - 2025**

Диссертация выполнена на кафедре экономики предприятий и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель** | **Хошимзода Хомид Хасан,** доктор экономических наук, доцент |
| **Официальные оппоненты** | **Мирсаидов Аброр Бобоевич,** доктор экономических наук, заместитель директора по науке Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана |
| | **Мухсинова Парвина Абдулкосимовна,** кандидат экономических наук, доцент кафедры Мировой экономики, экономического факультета ГОУ ХГУ имени академика Б. Гафуров. |
| **Ведущая организация** | Таджикский Национальный Университет |

Защита состоится «20» декабря 2025 г. в 13:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-023 при Таджикском государственном университете права, бизнеса и политики по адресу: 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, 17 мкр-н, дом 1, учебный корпус №5, e-mail: **http://www.tsulbp.tj**, телефон учёного секретаря: (+992) 928582212.

С диссертацией можно ознакомиться на сайте **http://www.tsulbp.tj** и в научной библиотеке Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

Автореферат разослан «_______»__________2025 г.

**Учёный секретарь диссертационного**

**совета, кандидат экономических наук,**

**доцент** **Саиджонов С.Ш**

## ВВЕД Е

**Актуальность темы исследова.....** В условиях формирования рыночной трансформации экономической системы разработка региональной экономической политики и механизма её реализации является чрезвычайно сложным процессом, зависящим от объективных природно-климатических различий и географического расположения регионов, особенностей его производственной и социально-экономической структуры, а также от сложившихся отношений между регионами и центром по проведению экономических преобразований, результаты которых оказали существенное влияние на изменение ситуации в регионах и на их административных территориях.

В ежегодных посланиях Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона подчёркивается необходимость осуществления государственных мер, направленных на формирование новой системы экономических отношений, и проводятся «… структурные изменения и определение различных форм собственности, создание благоприятных условий для предпринимательства и инвестирования, формирование бюджетной, налоговой и денежно-кредитной системы, развитие реальных сфер экономики и социального блока» [1.с.48]. К ним относятся меры совершенствования системы государственного управления путём разработки региональной экономической политики и механизма её эффективной реализации.

Государственная политика экономического развития регионов во многом предопределена Национальной стратегией развития Республики Таджикистан до 2030 года и зависит от выполнения в полном объёме Программы ускоренного развития промышленности, принятой на среднесрочный период как основа для решения четвёртой стратегической задачи. В процессе реализации этой программы необходимо учесть функционирование данного механизма, требования рыночных законов, развитие регионального хозяйства, следовательно, их учёт в практической деятельности позволит повысить эффективность управления региональным и территориальным развитием, а также провести модернизацию и децентрализацию системы управления. Кроме того, из-за усложнения на современном этапе регулирования устойчивого развития регионов значительно расширяется сфера применения региональной экономической политики. Следовательно, возрастает значение решения проблемы совершенствования механизма разработки и реализации региональной экономической политики и необходимости учёта особенностей региона, вызванных природно-климатическими и социально-экономическими факторами, а также традициями и образом жизни людей. Кроме того, предпринимаются все усилия для реализации государственной экономической политики в масштабе городов, районов и областей, в том числе в Согдийской области. Однако из-за наличия нерешённых проблем не всегда достигаются

желаемые результаты. В их число входят: неполный ввод в оборот производственных мощностей, неэффективное использование экономических резервов, что отражается в неравномерном развитии городов и районов, проблема безработицы, бедности, высокий уровень трудовой миграции. Устранение различных проблем, повышение уровня использования естественно-экономического потенциала Таджикистана также вызывает необходимость усовершенствования механизма разработки и реализации программ развития регионов. Все это, а также рассмотрение проблемы в контексте теории устойчивого развития, проведение глубокого анализа и разработка на его основе целевых комплексных программ социально-экономического развития Согдийской области и некоторых административных территорий определяет актуальность темы и практическое значение диссертационной работы.

**Степень изученности проблемы**. Исследованию проблемы разработки региональной экономической политики (РЭП) и механизма её реализации, долгосрочного экономического роста в экономике развивающихся стран посвящены работы западных ученых М. Вебера [9], Р.М. Гольдштейна [11], Г. Кунца [21], А Смита [36], Г. Дж. Кейнса [20], Н. Стекилберга [39], Дж. Гэлбрейта [14], а также российских учёных Л.И. Абалкина [3], Г.Б. Клейнера [22], Э.Б. Алаева [4], Е.Г. Коваленко [23], А.Г. Гранберга [13], В.Н. Лексина [25], М.Г. Лапуста [26], П.Е. Семенова [41], Э.О. Орлова [28], В. Радаева [32], А.В. Сидоровича [42] и др.

К отечественным учёным, занимающимся проблемой формирования механизма управления на основе разработки и реализации региональной экономической политики, относятся А.А. Байматов [7], М.М. Исмаилова [18], С.Д. Комилов [24], З.С. Султанов [39], Л.Х. Саидмуродзода [38], Р.К. Рахимов [33], Ш.М. Рахимов [34], А.М. Рахимов [35], Т.Р. Ризокулов [36], А.Б Мирсаидов [27], М.М. Шарифзода [46], М. Файзуллоев [44], Х.Х. Хошимзода [45] и др.

Отдельные проблемы регулировании рыночных процессов с применением механизма разработки и осуществления региональной экономической политики исследованы в трудах Д.Д. Бабаджанова [5] – разработка политики устойчивого развития аграрного сектора региональной экономики, С.А. Газибекова [10] – формирование стратегии управления процессом осуществления региональной политики устойчивого развития, М.М. Исмаиловой [18] – разработка региональной политики доходов и потребительских расходов населения, И.Р. Иброхимзода [17] – разработка финансово-кредитных и инвестиционных основ осуществления региональной экономической политики, Б.Д. Шарбатова [47] – разработка социально-экономических аспектов политики регионального развития, Х.Ш. Пулатовой [31] – пути повышения эффективности механизма реализации экономических ресурсов региона на уровне органов местного самоуправления и др.

Не умаляя их научных достижений, следует отметить, что в исследованиях названных учёных уделено недостаточное внимание формированию механизма разработки и реализации региональной экономической политики и

определению её целей – созданию условий для выравнивания уровня экономического развития и повышения качества жизни населения регионов.

**Связь исследования с программами (проектами) научной тематики.** Диссертационное исследование проведено во исполнение указаний и поручений Основоположника мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, изложенных в посланиях Маджлиси Оли Республики Таджикистан, а также на основании Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Диссертационная работа имеет тесную связь с реализацией стратегических целей государства и Среднесрочной программой социально-экономического развития Согдийской области на 2021-2025 годы. Диссертация также выполнена в соответствии с планом проведения научно-исследовательских работ кафедры экономики предприятий и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования**. Цель диссертационного исследования состоит в теоретико-методическом обосновании процесса формирования механизма разработки и реализации политики устойчивого развития Согдийской области и в разработке рекомендаций по его совершенствованию в стратегической перспективе.

**Задачи диссертационного исследования.** Достижение поставленной цели потребовало постановки и решения следующих задач:

- изучить и обобщить различия в определении понятия «региональная экономическая политика» и сформулировать авторскую трактовку;
- разработать методику формирования механизма разработки и реализации политики экономического развития региона;
- изучить зарубежный опыт и использовать его в процессе разработки и реализации экономической политики территориального развития;
- обосновать состояние процесса реализации государственной экономической политики в регионах;
- провести анализ реализации целей государственной стратегии в региональной экономике;
- определить финансово-налоговые инструменты реализации социально-экономической политики;
- разработать пути и методы координации деятельности государственных и местных органов управления в повышении эффективности механизма реализации политики устойчивого стратегического развития в перспективе.

**Объектом диссертационного исследования** являются социально-экономические отношения, связанные с процессом разработки и реализации государственной экономической политики в регионах.

**Предметом исследования** представляется процесс реализации государственной экономической политики в социально-экономической системе Согдийской области.

**Гипотеза исследования** состоит в том, что формирование целенаправленного и эффективного механизма реализации государственной экономической политики содействует повышению конкурентоспособности региональной экономики, совершенствованию управления процессом размещения производительных сил, достижению выравнивания социально-экономического развития регионов, обеспечению сбалансированного и устойчивого развития административных территорий.

**Методология исследования** базируется на логических принципах научной диалектики, причинно-следственного и структурного анализа, создающих возможность для раскрытия содержания системы рыночной экономики и региональной экономической политики, и в процессе её применения были задействованы: институциональный подход, сравнительный и системный анализ, экономико-математические модели сценария реализации политики экономического развития регионов в стратегической перспективе.

